Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

25 феврали соли 2015, чоршанбе, №9 (988)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН




Ҳаёти ҳизб

## ТАБЛИҒОТИ ИНТИХОБОТ ҚАНОАТБАХШ АСТ



саҳ. 4

Интихобот-2015

## ЧАРО БА ҲХДТ ОВОЗ МЕДИҲАМ?




саҳ. 8-9

Интихобот-2015

## ИНТИХОБОТ САҲНАИ ТАБЛИҒ АСТ, НА ТАҲРИФ



саҳ. 13

Мулоҳиза

## БО СЕ ДАЛЕЛ ДИН НАМЕТАВОНАД ПОЯИ ДЕМОКРАТИЯ БОШАД




саҳ. 14

Минбари халқ
25 феврали соли 2015,
№9 (988)

# АРТИШИ МИЛЛӢ 22-СОЛА ШУД

**22 феврали соли равон бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи солгарди 22-юм аз таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.**



Ҷамъомад бо ҳузури ҳайати роҳбарӣ ва фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, роҳбарони дигар сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, афсарону донишҷӯёни низомӣ ва дигар ходимони ин соҳаҳо дар Кохи Ваҳдати пойтахт ҷараён гирифт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон тамоми ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, собиқадорону пайвандони ин соҳа ва кулли мардуми кишварро бо иди касбии муҳофизони далери Ватан табрику таҳният гуфта, ба онҳо дар ҳимояи амнияту оромии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон матонату шуҷоат ва маҳорату кордонӣ таманно намуд.

Чунон ки таъкид гардид, тайи 22 соли фаъолият Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон рӯзҳои сахту сангинро пушти сар карда, аз озмоишҳои шадиди ин солҳо гузаштанд ва имрӯз ба нерӯи қудратманди низомӣ, муҳофизи сулҳу субот ва фазои орому осудаи кишвар табдил ёфтаанд ва барои ҳифзи боэътимоди марзу буми Ватани азиз собитқадамона рушду такомул меёбанд.

Хотирнишон гардид, ки дар раванди муҳорибаҳо ва амалиёти ҷангӣ афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ҷасорату мардонагӣ нишон дода, садҳо нафари онҳо ба хотири оромиву суботи Ватан ҷони худро қурбон карданд ва мо садоқату корнамоӣ ва номи неки онҳоро ҳамеша гиромӣ медорем.

Аз солҳои аввали таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ёдовар шуда, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла зикр намуд, ки дар аввал мо ҳатто кадрҳои миллии афсарӣ ва ҳеҷ заминаи моддию техникӣ барои анҷом додани ин кори вазнинро надоштем.

Аз ин хотир таъкид гардид, ки ҳоло дар натиҷаи ғамхорию дастгириҳои пайвастаи роҳбарияти давлат Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар соҳиби инфрасохтори замонавӣ, техникаву таҷҳизоти муосири ҳарбӣ ва афсарони сершумори дорои тахассуси олӣ ва мутахассисони варзидаю корозмуда мебошанд. Тазаккур дода шуд, ки тайи солҳои гузашта барои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар беш аз 15 ҳазор афсарони касбии дорои тахассуси олӣ омода карда шуд ва наздики 2 ҳазор нафари дигар ҳоло таҳсили улуми ҳарбӣ мекунанд.

Чунонки зикр гардид, таъминоти Қувваҳои Мусаллаҳ бо озуқаю либосворӣ ва бо манзили зист таъмин кардани афсарон ҳам солҳои охир дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин мужда расонда шуд, ки ба наздикӣ сохтмони як шаҳраки низомӣ бо 1200 манзили зист барои афсарони Қувваҳои Мусаллаҳ оғоз меёбад.

Ҳамчунин тазаккур дода шуд, ки дар даҳ соли охир ҳиссаҷудокунӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ қариб 7 баробар ва андозаи музди ходимони ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар беш аз 18 баробар афзоиш ёфтааст ва аз 1-уми сентябри соли 2015 боз ба андозаи 15 фоиз зиёд карда мешавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз таҳаввулоти босуръати ҷаҳони имрӯза ва хатарҳое, ки ба кулли ҷаҳон ва минтақаи мо таҳдиди ҷиддӣ доранд, ёдовар шуда, Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳамаи сохторҳои дахлдори кишварро ба тақвияти иродаи ҷавонмардӣ, зиракии сиёсӣ, кордонӣ ва садоқату самимият ба халқу Ватан ҳидоят намуд.

Таъкид гардид, ки роҳбарони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ба риояи бечунучарои муқаррароти қонунгузорӣ, ойинномаҳои ҳарбӣ ва умуман интизоми қатъии ҳарбӣ, инчунин пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ҳайати шахсӣ тамоми чораҳоро амалӣ намоянд.

Ба ҳайати роҳбарӣ ва фармондеҳӣ ҳамчунин тавсия дода шуд, ки ба зердастони худ, хусусан ба сарбозони ҷавон ғамхор ва аз ҳолати рӯҳию ҷисмонии онҳо пайваста бохабар бошанд, то ки ба болоравии ҳисси садоқату самимияти онҳо ба халқу Ватан ва тақвияти матонату шуҷоати онҳо дар ҳифзи музаффариятҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат намоянд.

Изҳори бовар карда шуд, ки афсарону сарбозони далери Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба савганди ҳарбӣ ҳамеша содиқ монда, рисолати фарзандии худро дар назди Ватан - модар ва халқу давлати хеш бо сарбаландӣ адо мекунанд ва тамоми донишу таҷриба, малакаву маҳорати худро ба хотири ҳифзи дастовардҳои истиқлоли давлатии Тоҷикистони азиз сафарбар месозанд.

**prezident.tj**



# ШЕВАИ ТАБЛИҒИ ХУДРО ДИГАР КАРДЕМ

**Мусоҳибаи ихтисосии хабарнигори радиои "Озодӣ бо Саидмурод Фаттоҳзода, муовини аввали Раиси Ҳизби Халқии Демократӣ ва собиқ мушовири Президенти Тоҷикистон**



Саидмурод Фаттоҳзода аз зумраи афроди собиқадор дар тими раисиҷумҳури кунунии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад. Ӯ ҳанӯз дар овони президентии Раҳмон Набиев дар ибтидои солҳои 90 ба идораи раёсатҷумҳурӣ ба кор омад ва тайи беш аз 20 сол дар ин идора аз ҷумлаи ёварони наздики раисиҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон буд. Дар анҷумани моҳи декабрӣ Ҳизби ҳокими Халқӣ-Демократӣ, ки раҳбариашро низ президент Эмомалӣ Раҳмон бар уҳда дорад, Саидмурод Фаттоҳзода муовини аввали Раиси ҳизб интихоб шуд ва ҳоло барои бори аввал ба ин ҳайс раҳбарии Ситоди интихоботии ҳизби ҳокимро бар уҳда дорад.

**- Шумо ду даҳсола аз мушовирони Раисиҷумҳур будед ва ба назар мерасид, ки Президент ба Шумо эътимод дорад. Чаро Шумо аз мақоме, ки хеле муҳим буд, рафтед?**

- Албатта, дар симати мушовири Президент чанд муддат кор кардам, вале дар ҳамон давра ҳам аз ҳизб дурӣ надоштам. Ба ин хотир, ки дар саргаҳи таъсиси ҳизб мо қарор доштем ва ҳамеша аз кору фаъолияти он огоҳӣ доштем. Моҳи декабр дар анҷумане, ки барномаи пешазинтихоботии ҳизби мо муаррифӣ шуд, роҳбарияти сиёсии ҳизб, бевосита раҳбари ҳизби мо ва худи аъзои ҳизб маро ба ин вазифа сазовор донистанд. Чун моро лоиқ донистанд, мо қабул кардем. Ин барои ман бисёр як шарафи бузург буд, ки муовини аввали Раиси Ҳизби Халқӣ-Демократӣ шавам.

**- Ҳамин гуна маълумоте ҳам буд, ки ҳизби Шумо бояд дар заминаи ҳизби коммунисти Тоҷикистон бунёд мешуд. Чаро ин тарҳ татбиқ нашуд?**

- Дар ҳамон шабу рӯз дар фазои афкори ҷомеаи мо нисбат ба ҳизбҳои сиёсӣ бисёр назари манфӣ вуҷуд дошт. Шояд аз ҳизбҳои сиёсӣ таъсири худро танҳо ҳизби коммунист то як андоза нигоҳ дошта буд ва ҳамон вақт, чӣ тавре ки Раҳбари давлат, Раҳбари ҳизби мо дар анҷумани Ҳизби Халқии Демократӣ, даъвати 12-ум изҳор намуд, бисёриҳо аз ҳисоби ветеранҳо, аз ҳисоби собиқ коммунистон, ки он давра дар сохторҳои ҳукуматӣ кор мекарданд, пешниҳод намуда буданд, то номи ҳизби коммунистро дигар карда, ин ҳизбро такягоҳи идеологии ҳукумат кунанд. Вале Сарвари давлат инро напазируфтанд ва гуфтанд, не, мо ба ин роҳ намеравем. Мо бояд як ҳизби нав таъсис диҳем. Азбаски мо ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ месозем, бояд ин ҳизб дар доираи ҳамин арзишҳо амал намояд. Бо супориши Роҳбари давлат, шахсиятҳои барҷастаи мо ба таъсиси ин ҳизб шурӯъ намуданд.

**- Баъзе ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон бар инанд, ки дар маъракаи пешазинтихоботии соли ҷорӣ барои ҲХДТ шароиту имконоти бештару хубтар фароҳам шудааст ва ҳизбҳои дигар дар канори саҳнаи сиёсӣ мондаанд. Шумо ба ин чӣ мегӯед?**

- Гумон мекунам, шароит барои ҳамаи ҳизбҳо як хел ба вуҷуд оварда шудааст, чунки мо ҳама дар доираи тартибу қоидаҳое, ки Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсӣ муайян кардааст, амал мекунем. Аз вақту соате, ки дар телевизионҳо ба мо ҷудо шудааст, то вохӯриҳо дар ҳавзаҳо як хел аст. Лекин сухан дар бораи дигар чиз меравад, ки ҳизбҳо кадом тактикаву стратегияро интихоб кардаанд. Масалан, ҳизби мо шеваи таблиғи худро дар ин интихобот дигар кард. Мо аз шабакаҳои иҷтимоӣ, аз паёмакҳои телефонӣ бо паҳн кардани аҳдофи ҳизб васеъ истифода мебарем. Ҳоло мебинам, ки баъзе аз ҳизбҳо шиору шеваи кории моро истифода мекунанд, ки мо ба ин зид нестем.

**- Манзур аз суоли боло ин буд, намояндагони ҳизби наҳзати исломӣ бар ин назаранд, ки ҳукумат барои Шумо шароити хос фароҳам кардааст.**

- Ҳавзаҳои интихоботӣ барои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ нақшаи муайян тартиб додааст ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ шароит фароҳам меорад. Ин тараф аз худи ҳизб вобаста аст, ки то куҷо қобилияти ташкилотчигӣ дорад, ки мардумро ҷамъ оварад. Намехоҳам ба шаъни дигар ҳизбҳо бирасам, аммо воқеият ин аст, ки аксаран қобилияти ҷамъ кардани интихобкунандагонро надоранд. Ҳатто то ҷое медонем, ҳизби наҳзате, ки даъвои доштани ҳазорон тарафдорро мекунад, дар вохӯриҳояшон аз 10 то 15 нафар ҷамъ мешаванд, дар баъзе минтақаҳо умуман ҷамъ намешаванд. Тавре хабарҳо нашр шуд, ҳатто дар вилояти Суғд мардум раҳбари ҳизби сиёсии онҳоро барои суҳбат қабул накардаанд. Дар наворҳои нашршуда дида мешуд, сокинон онҳоро ҳамчун гунаҳкори ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо ва гунаҳкори паҳнкунандаи идеологияе, ки имрӯз ҷавонони моро ба кишварҳое мисли Сурияву Ироқ то як андоза талқин мекунаду онҳо он ҷо ҳалок мешаванд, қабул кардаанд. Ҳодисаҳое, ки дар Ироқу Сурия рух медиҳанд, мисли зинда оташ задани халабони урдунӣ, буридани даҳҳо насронии Миср аз ҷониби гурӯҳи "Давлати исломӣ", буридани сари садҳо гаравгони дигар, албатта, ҳамаи ин таъсири худро ба ҷомеаи мо мерасонад ва ба назари ҷомеа ҳам дар мавриди ҳаракату ҳизбҳое, ки бо истифода аз номи Ислом амал мекунанд, тағйир меёбад.

**- Аммо Шумо боре дар як нишаст гуфта будед, ки салафия идеологияи расмии Арабистони Саудӣ аст ва Тоҷикистон намояндагони онро таъқиб намекунад. Фикр мекунед он изҳорот иштибоҳ буд?**

- Ин гуфтаҳо дар Шӯрои ҷамъиятӣ буд, дар мавзӯи "Муносибати давлат ба дин". Манзурам ин буд, ки дар сатҳи сиёсати давлат дар мо ҷараёни салафия мамнӯъ шуд. Ба он хотир ки дар масҷидҳо вақте мардум рафта фаризаҳои диниро иҷро мекарданд, намояндагони салафия ба таври хос баъзе рукнҳои намозхониро иҷро мекарданд ва ин боиси норозигии шадиди мардуми мо мегашт. Ҳамон вақт гуфта будам, дуруст, мо манъ кардем, лекин ҳангоми суханронӣ нисбат ба бархе аз ҷараёнҳо, мисли салафия, ки дар Арабистони Саудӣ ин мазҳаби расмӣ ҳаст, суханҳои қабеҳу таҳқирро раво набинем. Пушти ин суханҳо ягон ишора ба ё дигар шудани сиёсат набуд, фақат назари шахсии ман буд, ки умуман дар мавриди эътиқоди мардум нисбат ба арзишҳои динӣ суханронӣ мекунем, бояд бо эҳтиёт рафтор кунем.

**- Мунтақидони ҳизби Шумо мегӯянд, соҳибони курсиҳо пеш аз пеш мушаххас ҳастанд ва баргузор кардани интихобот танҳо намоишнома барои ҷомеаи байналмилалӣ аст, Шумо ин гуна интиқодҳоро қабул доред?**

- Ин суханҳое, ки ҳамкорони сиёсии мо мегӯянд, таҳқири сахт нисбат ба мардуми Тоҷикистон аст, бисёр беэҳтиромӣ нисбат ба халқи тоҷик аст. Сухани зиште гуфтанӣ нестам, аммо ин ҳарфҳо мисли онест, ки гуштигире ба майдон набаромада, мегӯяд, "судя" (довар)ро харидаанд ва ё ҳарифаш бо пул ҳамаро тарафи худ кардаасту ман бо ӯ дигар мубориза намекунам. Ин ҳолатест, ки пеш аз пеш мағлубияти худро саҳнасозӣ мекунанд, то худро на мағлуб, балки мазлум нишон диҳанд. Одоби сиёсиро бояд нигаҳ дошт ва пеш аз пеш чунин изҳороте, ки шаъни миллати моро паст мезанад, надиҳем.

**- Шояд бори аввал аст, ки бо матбуот чунин як суҳбат анҷом медиҳед. Шумо даҳсолаҳо аз кормандони наздик ба раисиҷумҳур будед, аммо ҳамеша дар соя мондед, ҳатто вақтҳое, ки кори Шумо ба матбуот ва ташкилоти ҷамъиятӣ марбут буд. Чаро?**

- Вақте ба симати ёрдамчии Роҳбари давлат будам, ба симати мудири котибот будам ва вақте ба ҳайси мушовири давлатии Президент будам, Шумо медонед, ки як этикаи кормандӣ хизматчии давлатӣ ҳаст. Аз рӯи он вазифаҳое, ки дар назди мо гузошта шуда буд, мо фаъолияти Роҳбари давлатро таъмин мекардем ва тамоми фаъолияти мо ба он нигаронида шуда буд, ки он вазифаҳои конститутсионие, ки дар назди Роҳбари давлати мо истодааст, дар иҷрои онҳо ба мисли ҳар ниҳоди дигари давлатӣ бояд саҳми худро дошта бошем. Мушовири давлатӣ будам, дар Шӯрои ҷамъиятӣ иштирок ва баромад мекардам. Баъзан вақт дар рӯзномаҳо ҳам мақолаҳоям дарҷ мешуданд, вале ҳизб хусусияти дигар дорад ва аз рӯи тақозои вазифа бояд бо мардум алоқаи зичтар тариқи Васоити ахбори омма дошта бошам.

**- Шумо ҳам дар як навишта Президенти кишварро ба шахсиятҳои бузурги таърихӣ мисли Авраам Линколн баробар дониста будед. Ин муқоиса бар чӣ асосе сурат гирифта буд?**

- Беҳуда Роҳбари давлатро ба Авраам Линколн, ба Шарл де Гол баробар накардам. Ин тамаллуқу хушомадгӯӣ нест, зеро вобаста ба таърихи миллат, вобаста ба марҳилаҳои таърихӣ ҳар як миллат шахсиятҳои бузургро ба вуҷуд меорад. Масштаб, албатта, гуногун аст, ҷуғрофиё гуногун аст, лекин принсипҳо як аст. Масалан, Авраам Линколн барои чӣ дар Амрико ба ҳайси як президенти маҳбуб боқӣ монд. Барои он ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ягонагӣ, якпорчагии кишварро нигоҳ дошт. Бубинед, имрӯз тамоми муаррихон, тамоми таҳлилгарон эътироф мекунанд, ки бузургтарин хидмати Роҳбари давлати мо Эмомалӣ Раҳмон ин нигоҳ доштани кишвари Тоҷикистон аст. Аз ин рӯ, муқоиса кардани президенти кишвар бо чунин шахсиятҳои таърихӣ мантиқӣ аст.

**- Собиқаи тӯлонии ҳамкорӣ бо Президенти кишварро доред. Дар бораи ин ҳамкорӣ чӣ гуфта метавонед?**

- Он чизе, ки бароям таъсири амиқ мегузорад, мардумдӯст будани Президенти кишвар аст. Ҳамчун инсони одӣ одами раҳмдил ҳастанд. Аммо сиёсат дигар аст. Масалан, Шумо баромади машварати охирини Шӯрои амниятро дида бошед, то чӣ андоза Президенти кишвар нисбат ба коррупсионерон ва решакан кардани ин падида сахтгирона суҳбат карданд, яъне раҳмдилӣ нисбат ба коррупсионер бераҳмӣ нисбат ба халқи худ аст. Ҳамчун одаме, ки аз наздик бо Ҷаноби олӣ кор кардам, рости гап, масштаби шахсияти ӯ то охир баҳо дода нашудааст. Ӯ шахсе ҳаст, ки тамоми вуҷудаш барои миллати худ бахшида шудааст. Ӯ дуҷониберо, ки ба хуни ҳамдигар ташна буданд, оштӣ дод, гурезагонро ба ватан баргардонд, субот дар ҷомеаро пойдор кард. Фақат ҳамин кофист, ки мо Ҷаноби олиро ҳамчун падари миллат эътироф кунем.

**- Агар Шумо дар оянда мемуар ё китоби хотирот бинависед, кадом мақомдорон ба мемуарҳои Шумо ворид хоҳанд шуд?**

- Ростӣ, китоби хотирот навиштанӣ нестам. Китоби хотиротро бояд шахсиятҳое нависанд, ки барои ин миллат корҳои бузургеро анҷом додаанд. Худро чунин шахсият намеҳисобам. Лекин то андозае, ки тавонистам, дар корҳои илмии худам сабабҳои низои ҷанги шаҳрвандиро ошкор хоҳам кард, ба хотире, ки ин як дарс барои наслҳои оянда шавад, то бидонанд, ки аз сари миллати мо чӣ гузашт ва он такрор нашавад. Дар мақолаҳои илмии худ мо бояд то як андоза ба мардум ҳушдор диҳем. Албатта, ҷамъият бе камбудӣ нест ва ҳар шахсу гурӯҳҳои иҷтимоӣ манфиати худро дорад, лекин ҳамеша мо бояд арзишҳои болотаре дошта бошем, ки дар ин ҳолат аз арзишҳои хусусӣ даст кашем. Мо суботи сиёсӣ, оромӣ дошта бошем, иқтисодиётамон ҳатман пешрафт хоҳад кард. Ҳодисаҳои Украина бармало нишон дод, ки суботи сиёсӣ набошад, кишвар ба чӣ табдил меёбад.

**Бознашр аз "Озодӣ"**

# ТАБЛИҒОТИ ИНТИХОБОТ ҚАНОАТБАХШ АСТ

## МУЛОҚОТИ С. ФАТТОҲЗОДА БО КОРШИНОСИ САҲА



Дар мулоқоте, ки муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Саидмурод Фаттоҳзода дирӯз бо коршиноси Миссияи нозирони интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони амният ва ҳамкории Аврупо Даря Папротска анҷом дод, масъалаи ҷараёни омодагӣ ба интихоботи қарибулвуқӯи парлумонӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Муовини якуми Раиси ҲХДТ С. Фаттоҳзода коршиноси интихоботии САҲА-ро ба рафти муваффақонаи маъракаи таблиғотӣ, истифода аз шева ва усулҳои замонавии ташвиқот, ҷалби электорат ба интихобот ва маводҳои айёнии тарғиби барномаҳои ҳизб ва номзадҳо муфассал ошно сохт. Ба қавли муовини аввали Раиси ҳизб то имрӯз дар ҳудуди 1,5 миллион нусха маводҳои ташвиқотӣ, ба шумули буклету тақвиму варақаҳо, мусавваразу шиору овезаҳо интишор дода, ба мардум тақсим карда шудааст.

Ташкилотҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ҷонибдорон ва алоқамандони он фазои иттилоотии интихоботиро комилан фаро гирифта, тавассути хабару мақолаҳо ва гузоришу мусоҳибаҳо нуктаҳои Барномаи пешазинтихоботии ҳизбро ҳамаҷониба фаҳмонда истодаанд. Танҳо аз тариқи нашрияи ҳизбии "Минбари халқ", ки ҳар ҳафта ба теъдоди қариб 50 ҳазор нусха чоп мешавад, ҳадафу мақсадҳои ҲХДТ ва нуктаҳои нақшаю барномаҳои он шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва телефонҳои мобилӣ ба муштариён СМС-паёмакҳо равон карда мешавад, ки ин тарзи нави кор натиҷаҳои хуб дода истодааст. Хуллас, аз ҳамаи шароиту имкониятҳои таблиғот, ки Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ барои аҳзоби сиёсӣ муҳайё кардааст, ба таври густурда истифода мекунем.

Дипломати САҲА Даря Папротска низ аз ҷараёни маъракаи таблиғотии интихоботӣ бахусус фаъолияти вусъатбори Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, дар бораи муташаккилона, озоду шаффоф ва муваффақона гузаштани ин маъракаи муҳими сиёсӣ назару ақидаҳои худро баён дошт.

**Усмон Солеҳ,**
**сухангӯи ҲХДТ**

# АСКАРОН ҚАДРДОНӢ ШУДАНД

Дар робита ба дастуру супоришҳои Президенти мамлакат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани 22- солагии таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар доираи чорабиниҳои 10 -рӯзи ҳарбӣ-ватанпарастӣ зери шиори "Ояндаро бо ҳам месозем" рӯзҳои 16- 17 феврали соли ҷорӣ дар қисми ҳарбии №051057 Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни қисмҳои ҳарбӣ мусобиқаҳои ҳарбӣ-варзишӣ аз рӯи намудҳои гуштингирӣ, турниккашӣ, давидан ба масофаи 100 метр, армрейслинг, ба қисмҳо ҷудо намудани яроқ ва якҳарбаҳои шарқӣ мусобиқаҳо баргузор гардиданд. Дар ин чорабинӣ 10 даста иштирок намуда аксари иштирокчиён аз худ маҳорати баланд нишон доданд.



Баъди муваффақона анҷом ёфтани мусобиқот санаи 21 феврал дар толори қисми ҳарбии №051052 бо иштироки ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ ва намояндагони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ҷамъбасти чорабинии мазкур баргузор гардид. Муовини Раиси ҲХДТ Ранохон Маҳмудзода иштирокчиёни чорабиниро бо рӯзи Артиши миллӣ табрик намуда, аз ҷумла зикр кард, ки дар зиндагӣ мардиву ҷасорат, далериву бебокӣ аз арзишҳоеанд, ки ҳеҷ гоҳ қадру қимат ва маънии худро гум намекунанд. ҲХДТ чун нерӯи пешбари ҷомеаи навини кишвар ба тарбияи мардонагиву ҷасорат ва бебокиву далерӣ ҳамеша таваҷҷуҳ дорад ва онро сарчашмаи ватандӯстиву ватанпарастӣ меҳисобад.

Дар лаҳзаи тантанавӣ ғолибони мусобиқаҳои ҳарбӣ-варзишӣ бо тӯҳфаҳои таъсисдодаи Дастгоҳи КИМ ҲХДТ қадрдонӣ карда шуда, барои китобхонаҳои қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 300 китоби бадеӣ тақдим карда шуд.

Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-майори гвардия Бобоҷон Ҷамолзода барои ҳамкориҳои судманд ба кормандони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ арзи сипос намуда, чун рамзи фаъолияти дастаҷамъона дар ҷодаи тарбияи ҳарбӣ ватандӯстии аскарон- ҳимоятгарони Ватан ба Ранохон Маҳмудзода ва мудири бахши оморӣ ва баҳисобгирии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ Абдураҳим Шоев медали 15-солагии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақдим намуд.

Дар фарҷоми чорабинӣ бо иштироки ҳунармандони ансамбли давлатии "Лола" барои афсарону сарбозон консерти идона намоиш дода шуд.

**М. Маҳмудов**

# МУРОҶИАТНОМАИ

## БОНУВОНИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**Бонувони арҷманд, хоҳарони азиз, модарони гиромӣ !**

Мову шумо дар марҳилаи сарнавиштсози миллати азиз қарор дорем, яъне барои панҷ соли оянда тақдири худро ба намояндагоне месупорем, ки ҳуқуқҳоямонро дар яке аз муҳимтарин шохаҳои ҳокимият мақоми қонунгузори давлат - Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар дифоъ мекунанд ва ҳайати сифатии он ба таҳкими оромии кишвар, қонунҳои қабулмешуда ва зиндагии хуб бешак таъсиргузор хоҳад буд. Барои ин мо-занонро зарур аст, ки рӯзи интихобот -1 март пеш аз ҳама худамон ба назди қуттиҳои овоздиҳӣ ҳозир шуда, бо умеди рӯзҳои боз ҳам беҳтар барои панҷ соли оянда овоз диҳем. Ҳуқуқи интихоб кардан яке аз ҳуқуқҳои калидӣ дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мо бояд ба қадри он расем ваояндаи худро интихоб намоем. Аз рӯи анъанаҳои миллӣ моро ҳангоми таваллуд номгузорӣ мекунанд, баъдан баробари ба камол расидан оиладор месозанд. Вале интихобиояндаи хешро маҳз дар маъракаи интихобот худамон озодона муайян хоҳем намуд, зеро ҳар як овоз метавонад ҳалкунанда ва тақдирсоз бошад.

Рӯзи интихобот, вақте бюллетени интихоботиро ба даст мегирем, бояд андеша кунем ва роҳи беҳтару устувор ва зиндагии ободу осоиштаро интихоб намоем. Мо ба хоҳарони арҷманд муроҷиат намуда, пешниҳод мекунем, ба тарафдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки дар варақаҳои овоздиҳӣ таҳти рақами 8 қарор дорад, овоз диҳед. Зеро ҲХДТ поягузори ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум аст.

Ваҳдати миллӣ барои Тоҷикистони кӯчак дар арсаи байналхалқӣ муҳим ва меҳвари муносибатҳо ба шумор меравад. Аз як гиребон сар баровардан ва муҳаббат ба ҳамдигар доштан, бемалол ба ҷое, ки бихоҳӣ сафар кардан, пеш аз ҳама аз ваҳдат сарчашма мегирад. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар хотир дорем, ки донишҷӯёни дигар минтақаҳо тарки таҳсил карда, солҳои зиёд ҷасорати ба Душанбе омадан надоштанд. Ваҳдату муҳаббату эътимод моро ба ҳам овард ва имрӯз хушбахтона мардуми азизи мо дарк намуда истодаанд, ки Тоҷикистон хонаи ҳамаи тоҷикистониҳост.

Барои зан-модар беҳтарин саодати зиндагӣ сулҳу оромӣ аст. Зеро модар медонад, ки дар ҳолати ҷанг хонаи ӯ месӯзад ва фарзандашро аз даст медиҳад. Доғи фарзанд барои ӯ даҳшати дигар аст. Ба қадри сулҳу осоиштагӣ зан мерасад ва ҳамеша дар ҷойи аввал ҳамин муқаддасот қарор мегирад.

Суботи сиёсӣ - устувории сиёсиро таъмин мекунад, ки Тоҷикистонро ба ҳайси давлат дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф кардаву аз таҷрибаҳои ин кишвар дар арсаи байналхалқӣ меомӯзанд. Ҳамаи сохторҳои давлатӣ имрӯз устуворона фаъолият мебаранд ва мардум бо хушнудии тамом ва бо такя бар нерӯи ин ниҳодҳои босуботи давлатӣ пайи фаъолият ва идомаи корномаҳои собитқадамонаи хештан ҳастанд. Дар ин росто, иқдомоти созандагиву ободонии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон назаррас мебошад, зеро ҳизби мо ҳизби амал аст. Барномаҳои мушаххаси ободониву созандагӣ дорад. Роҳҳои обод, шаҳрҳои нав, мактабу беморхонаҳо, корхонаҳои нав далели ин гуфтаҳост. Таҳлилҳои оморӣ, ки ҳамагӣ аз афзудан, зиёд шудан ва пеш рафтан ҳикоят мекунанд. Далели раднопазир барои тасдиқи ин мулоҳизаҳо мебошанд. Мо бо сухан не, дар амал нишон дода истодаем, ки рушди устувори иқтисодӣ, зиндагии шоистаи мардум барои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон амри муҳим ва вазифаи муқаддас ба шумор меравад. Ҳар як шаҳрванд ҷойгоҳи худро дорад ва ба онҳо мо такя мекунем.

Хоҳарони арҷманд! Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ақлу заковат ва донишу маҳорати шумо бовар дорад. Масъалаи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа пайваста ба таври амалӣ татбиқ мегардад. Дар рӯйхати номзадҳо, ки аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, аз 27 нафар 11 нафарашон бонувон ҳастанд, ки аксарияти онҳоро шумо мешиносед ва инҳо чеҳраҳои шинохтаи кишвар чун Хайринисо Юсуфӣ, Бибидавлат Авзалшоева, Лутфия Раҷабова, Гулбаҳор Ашӯрова, Дилрабо Мансурова, Насиба Содиқова, Раҷабмо Бадридинова, Ҷамила Саидова, Фирӯза Шарифӣ, Ҷамила Раҳмонова ва Солия Қосимова мебошанд. Ҳар яке аз бонувон воқеан мутахассиси варзидаи соҳаи худ ҳастанд ва аз ҷумлаи онҳо 5 нафарашон доктору номзадҳои илм мебошанд.

Аз ҳавзаҳои якмандата низ 6 нафар зан аз Ҳизби Ҳалқии Демократии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Чунончи, аз ҳавзаи интихоботии Данғара №36 Ҳилолбӣ Қурбонзода, муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳавзаи интихоботии Хуҷанд №13 Гулбаҳор Турсунова, декани факултаи иқтисодии ДДҲБСТ, аз ҳавзаи интихоботии Исфара №20 Мавзуна Шарофиддинова, муовини раиси шаҳри Исфара, аз ҳавзаи интихоботии Бобоҷон Ғафуров №14 Мавлуда Сатторӣ, муовини раиси Шӯрои адлияи ҷумҳурӣ, аз ҳавзаи интихоботии Исмоили Сомонӣ №2 Гулнора Бобоева, сардори Раёсати илму маърифати ДИП ҶТ ва аз ҳавзаи интихоботии Шаҳринав №6 Мусаллам Қодирова, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи мазкур пешниҳод гаштаанд. Рақибони сиёсии аксари ин номзадҳои мо мардон мебошанд, вале муттаҳидии мо занон имкон медиҳад, ки номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон аз ҳисоби хоҳарони мо ба ғолибият мушарраф гардад.

Хоҳарони арҷманд! Биёед, ҳамдигарро дастгирӣ намоем ва пеш аз ҳама ба ҷонибдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва ба тарафдории ин бонувон, ки ба ҳайси намояндагони мардум пешниҳод шудаанд, овоз диҳем.

# МУРОҶИАТНОМАИ

## РАЁСАТИ ШӮРОИ УЛАМОИ МАРКАЗИ ИСЛОМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳамватанони азиз!**

Имрӯз ҳамаи мо аз воқеаҳои фоҷеабор дар ҷаҳони Ислом нигаронӣ дорем. Бо дасисаи доираҳои харобкору манфиатҷӯ иддае аз кишварҳои мусулмонӣ дар гирдоби мухолифатҳою даргириҳои шадид қарор гирифта, ҳазорон нафар одам куштаву бебатан мегарданд ва маҳалҳои зисташон ба харобазор табдил меёбад.

Аҷаб он аст, ки ҳамаи ин ваҳшонният бо номи Ислом ва бо зикри исми мубораки Худои таборак ва таъоло сурат мегирад. Дар ҳоле, ки кирдорҳои мазкур мухолифи фармудаҳои Илоҳӣ ва кулли қавонини башарӣ буда, даст задан ба чунин аъмол гуноҳҳои нобахшиданӣ аст.

Ҷаҳони Ислом асосан аз он ҷиҳат гирифтори инчунин фоҷеа гардидааст, ки ба арзишҳою муқаддасоти асили исломиамон хурофот, зоҳирбинию зоҳирписандӣ дар Ислом таҳдид дорад. Ин чизи нав нест. Кӯшишҳои бо шиорҳои авомфиребонаи ба ном исломӣ қонеъ сохтани гаризаҳои нопоки гурӯҳию шахсӣ ва ба манфиатҳои хеш истифода кардани Ислом дар таърихи башарият бисёр буданд. Талошҳои мазкур имрӯз густаришу тақвияти бештар ёфтанд, ки заминаҳояш фақру нодорӣ, бесаводию тангназарӣ ва бехабарии иддае мусулмонон аз дини муқаддаси Ислом мебошанд.

Каломи Худовандӣ кирдорҳои мазкурро маҳкум намуда, касонеро, ки миёни мусулмонон тафриқа эҷод мекунанд ва бо номи Ислом аъмоли зиддиисломӣ содир менамоянд, "мушрикону мунофиқон" унвон гузоштааст ва мусулмононро даъват кардааст, то аз пайравӣ ба онҳо худдорӣ намоянд. Худованд мефармояд:

"Аз зумраи касоне мабошед, ки дини Худоро порапора карданд ва фирқа-фирқа шуданд ва ҳар фирқае ба ҳарчи дошт, дилхуш буд". (Рум; 32).

Ҳамчунин Пайғамбари гиромии Ислом дар ин маврид мегӯянд: "Касе, ки ҷудоӣ ва тафриқа меандозад, аз ҷумлаи мо нест".

Бузургони гузаштаамон ҳам ба суханони "Каъба чӣ равӣ? Бирав дилеро дарёб" ва садҳо ҳикматҳои ҷовидонаи дигар ҷомеаи мусулмониро даъват ба Исломи асил намуда, онҳоро аз нораво будани пайравии кӯркӯрона, авомфиребӣ ва зоҳирписандӣ дар Ислом огоҳ сохтаанд.

Вале, мутаассифона, дар ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳон, сарфи назар аз ҳамаи огоҳкуниҳои мазкур чи бисёранд ҳизбу ҷунбишҳо, гурӯҳу дастаҳое, ки ба худ унвони исломиро часпонидаю шиорҳои исломиро боло карда, ин дини поку бегаразандро ба арсаи муборизаҳои сиёсӣ миёни қувваҳои мухталиф мекашонанд. Гузашта аз ин, бо номи Ислом ба худ ноҷавонмардонатарин ва зиддисломитарин аъмолро раво мебинанд, то дараҷае, ки одамонро зинда ба зинда месӯзонанд. Ҳол он ки Ислом чунин амали нангинро манъ кардааст. Ҳазрати Пайғамбар (с) дар ҳадисе мефармоянд: "Фақат Парвардигор ба василаи оташ азобу шиканҷа мекунад".

Ҳамагон бояд бидонанд, ки Ислом ба ҳеҷ гуна ҳизб ниёз надорад. Ислом дар табиати худ фарогирандаи тамоми мусулмонон аст.

Имрӯз мо дар арафаи интихобот қарор дорем, ки дар он ҳизбҳои сиёсӣ ширкат меварзанд. Бояд қайд кард, ки дар ин маъракаи сиёсӣ сӯистифода аз номи Ислом бо ҳар навъ назару ақидаҳои ботили авомфиребона аз рӯи хираду тафаккури солим нест.

Интихобот аз рӯи фаҳму идроки ҳар як аъзои бошуури ҷомеа ва тибқи қонунҳо сурат мегирад. Зимнан, ин ҳуқуқи инсонию мусулмонии ҳар фарди ҷомеа мебошад, ки ба кадом ҳизбу барномаи он ва номзади алоҳидаи пешбаришуда раъй медиҳад. Ба ҳеҷ ваҷҳ бояд ҳизбҳо ва номзадҳо аз боварии мардум ба дини мубини Ислом сӯистифода накунанд. Чунин шеваи кору роҳнамоӣ на ба муқаррароти Ислом, на ба ягон қонуни демократия, озодии баёну афкор ва изҳори иродаи сиёсӣ мувофиқат намекунад.

Дар зимни ин, бояд гуфт, ки бисёранд аҳзобу ашхосе, ки бидуни ягон ғараз, бидуни рӯи саҳна кашидани Исломи истифодаи он ҳамарӯза дар зикри Худоянд, барои рушду густариши Ислом ва ҷомеаи мусулмонӣ пайи хидмат қарор доранд.

Қазовати ҳама гуна аъмол дар дасти Худои бузург аст. Танҳо қарзи имонӣ ва инсонии хеш медонем, дар ин даврае, ки вақти интихоб пеш омадааст, ҳамватанони азизамонро, ба ташхиси хушмандонаи роҳи ояндаамон, фардои сарзаминамон даъват кунем. Пас мебояд, ки ҳар як мусулмон вақти интихоб илму дониш, ақлу заковатро рӯи кор гирифта, барои фардои ободу осудаи Ватанамон ва сулҳу субот он масъулиятро дар ҷои аввал қарор бидиҳад.

**Мурочиатнома дар ҷаласаи Раёсати Шӯрои уламои Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 16 феврали соли равон қабул карда шудааст.**

---

*Мулоҳиза*

# ОВОЗДИҲАНДА

## ДАР СИМОИ ҲНИТ КИРО МЕБИНАД?

Дар робита бо интихоботи вакилони парлумон, ҳизбҳои сиёсӣ фаъолияти хешро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ пурзӯр намуда, пайи моил намудани овоздиҳандагон ба номзадҳои худ ва соҳиб шудан ба раъйи онҳо талош доранд. Дар ин қибол баъзе ҳизбҳои сиёсӣ ҳарчанд эҳсос мекунанд, ки то кадом андоза мардум нисбаташон муносибати сард дорад, аз роҳи худ пас гаштанӣ нестанд. Намунаи барҷастаи чунин муносибат Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон мебошад.

Пешвои наҳзатиҳои ҷумҳурӣ Муҳиддин Кабирӣ дар сафари таблиғотиаш ба шаҳру навоҳии вилояти Суғд эҳсосу алоқамандиҳои сарди сокинони ин минтақаро дар пӯсти худ мисли сармои сахттарини зимистони қаҳратун ҳис намуд.

Воҳӯриҳо пеш аз ҳама собит намуданд, ки ҳақиқати таъкиду гуфтаҳои роҳбарони ҲНИТ дар бораи "ҳазорон аъзои ҳизб" танҳо ҳисоботи болои коғазанд. Кабирӣ ба ҳар ҷаласае, ки ташриф мебурд, бо вокуниши манфии қисмати аксари иштирокчиён рӯ ба рӯ мешуд. Баромадкунандагон ҳама ҳизбро дар коштани тухми нифоқу моҷаро дар ҷомеа муттаҳам мекарданд.

Зимни воҳӯрӣ бо интихобкунандагон дар шаҳри Хуҷанд, дар асоси мисолҳои раднашаванда даст доштани ҳизб дар фаъолияти экстремистӣ, ҷалби ҷавонони суғдӣ ба сафи гурӯҳҳои террористие монанди ҷамоати "Ансоруллоҳ" ва "Давлати исломӣ", иштироки онҳо дар ҳодисаҳои хунини Сурия собит карда шуд. Инчунин ошкоро ба пешвои ҲНИТ расонида шуд, ки ҳизбаш дини мубини Исломро моли инҳисории худ карда, аз номи он аҳдофи сиёсии худу роҳнамоёни берунаашро амалӣ сохтанист.

Баҳси ҷиддӣ миёни Муҳиддин Кабирӣ ва намояндагони ҷавонони донишҷӯ сурат гирифт. Онҳо худро ҳамчун муаллифи номаи овозадори донишҷӯёни суғдӣ ба М. Кабирӣ муаррифӣ карда, раиси ҲНИТ-ро гунаҳгор намуданд, ки ӯ дар баробари нодида гирифтани номаи онҳо, мардумро раҳгум заданӣ шудааст, ки муаллифони нома на донишҷӯён, балки "профессору академикҳоянд". Табиист, ки дар чунин ҳолат Кабирӣ ба ҷуз кӯшиши худсафедкунӣ посухи қонеъкунандае барои донишҷӯён надошт. Ба замми ин, донишҷӯён изҳори омодагӣ карданд, ки бори дигар барои ҳар як калимаи дар он нома сабтшуда имзои худро мегузоранд.

Аз ҷониби онҳо боз таъкид шуд, ки такрори ҳодисаҳоеро, ки волидайну наздикони онҳо солҳои 90-ум аз сар гузарондаанд, намехоҳанд. Намехоҳанд он бадбахтиеро, ки бародари калонии ҲНИТ - "Ихвонулмуслимин" ба сари мисриҳо овард, дар Тоҷикистон такрор шавад.

Ҳам дар шаҳри Хуҷанд, ҳам дар дигар ноҳияҳое, ки Муҳиддин Кабирӣ бо сокинону интихобкунандагон воҳӯрӣ дошт, модарони зиёде аз ӯ тақозо карданд, ки ба онҳо фаҳмонад, чаро фарзандонашон барои намоз ба масҷид мераванду оқибат хабарашон аз Сурияю Ироқ меояд? Чаро фақат ҲНИТ барои пайвастани ҷавонон ба сафи созмонҳои террористӣ таблиғот мебарад? Чаро фарзандони пешвоёни ҳизб, хешу табори онҳо ба "ҷиҳод" намераванд? Чаро пешвоёни наҳзат дар марказу минтақаҳо дар гӯши фарзандони мардум аз фалсафаи "ҷиҳоду шаҳодат" лексия мехонанду дар гӯши фарзандони худ не? Ҳамаи инҳо саволҳое буданд, ки Муҳиддин Кабирӣ дар посухашон оҷиз мемонд. Хулосаи иштирокчиёни ҷаласаҳо бошад, яке буд: барои мусулмононе, ки баҳри адои фарзу суннатҳои эътиқодиашон тамоми шароитҳо муҳаё мебошад, ягон ҳизбе лозим нест. Хосатан ҳизбе, ки Исломро бо сиёсат махлут месозад.

Худсафедкуниҳои Муҳиддин Кабирӣ ва пуштибонӣ аз ҳизбаш даври як ҷавоб чархиш дошт. Яъне ҲНИТ дар саҳнаи сиёсии ҷумҳурӣ мақоми расмӣ дорад. Ин ҳақро ба он Конститутсияи кишвар додааст. Дар мавриди исботи дастдории аъзои ҳизб ба фаъолияти ифротӣ бошад, бояд мақомоти ҳифзи ҳуқуқ машғул шаванд. Чунин ҷавоб ҳам ҳайрати афроди огоҳро бештар мекунад. Он ҳама далелҳои исботшуда дар Хуҷанду Исфара, Рашту Хоруғ, оид ба ширкати бебоситаи наҳзатиҳо дар амалҳои террористӣ алайҳи сохти конститутсионӣ аллакай аз ёди сарвари ҲНИТ магар рафтаанд?

Чунин эроду даъвоҳо нисбати фаъолияти ҲНИТ қариб дар тамоми ноҳияҳои вилояти Суғд садо доданд. Дар ноҳияи Ашт бошад, мардум ба ӯ пешниҳод карданд, ки нагузаронидани воҳӯрӣ беҳтар аз гузаронидани он аст.

Ба андешаи муаллифи ин сатрҳо, Муҳиддин Кабирӣ, ки дар донишу маърифати шахсии худаш касе шак надорад, зимни ин сафараш хеле возеҳу равшан дарк кард, ки аксарияти аҳолии Тоҷикистон ҷонибдори роҳи дунявии рушди Тоҷикистон мебошанд ва сиёсати имрӯзаи роҳбарияти кишварро пуштибонӣ мекунанд. Ӯ бояд фаҳмида бошад, ки кӯшиши пешвоёни ҲНИТ дар самти ҷой кардани ақидаҳои исломи сиёсӣ дар шуури мардуми Суғд ба шикаст мувоҷеҳ гаштааст ва дигар ҳар сухане дар ин мавзуъ танҳо хашму вокуниши ғазаболудаи онҳоро ба миён меоварад.

Бо як ҷумла метавон хулоса кард, ки қабули ташрифоти таблиғотии раиси ҲНИТ Муҳиддин Кабирӣ аз ҷониби сокинони меҳмоннавози Суғд бо сардӣ анҷом ёфт. Мутаассифона, аз тарафи дигар, ҳар як инсонро бо нияташ пешвоз мегиранду бо рафтораш гусел мекунанд. Дар гусели наҳзатии рақами яки ҷумҳурӣ, ҳатто табиат ҳам сардии худро пинҳон надошт. Роҳашро баст, то ба воҳӯриҳояш дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дер кунад. Зеро табиат ҳам фиреби мардуми оддиро намеписандад.

**Мирзобоқӣ Абдумаҷидов, сокини шаҳри Хуҷанд**

---

# ИШТИРОКЧИИ ҶАНГ АЗ СИЁСАТИ ПРЕЗИДЕНТ ҚАНОАТМАНД АСТ

Дар арафаи 22-солагии Артиши миллӣ ва маъракаҳои пешазинтихоботӣ Назокат Буриева, номзад ба вакили маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба аёдати Ҳикмат Шамсиев, иштирокчии ҶБВ, ва маъюби дараҷаи 2 , ки 89-сол дорад рафта ба ӯ маводи озуқаворӣ, аз қабили орду равған ва биринҷ кӯмак намуданд..

Ҳангоми суҳбат номбурда аз иштироки фарзандони тоҷик дар набардҳо ва ҳимояи марзу буми Иттиҳоди Шӯравӣ ёдовар шуд. Рӯзҳои даҳшати солҳои ҷангро ба ёд оварда, таъкид намуд, ки ин сулҳу суботе, ки дар Ватани азизамон Тоҷикистон бо сарварии Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем. Замоне буд орзуи соҳибистиқлолӣ мекардем ва ба ин рӯз ҳам расидем ва қарзи шаҳрвандии Шумо аст, ки ин Ватанро ҳифз намоед.

Пири рӯзгордида бо чашмони пур аз ашк иброз дошт, ки шукри сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат, ки моро фаромӯш накарданд ва ба аёдат омадед.



Бо итминони комил пири рӯзгордида гуфт, ки рӯзи интихобот ҳангоми овардани қуттии сайёр ҳатман ба ҷонибдории ҲХДТ ва номзадҳои он райъ хоҳад дод.

**"МХ"**

# САЪЮ ТАЛОШ БА ХОТИРИ РУШДУ НУМӮИ КИШВАР

**Барномаи пешазинтихоботии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Рашт № 12, Шукурҷон Зуҳуров**



Ҳаёт ва саломатӣ барои инсон қиматтарин сармоя ҳастанд. Аз ҳамин ҷост, ки фароҳам овардани шароити созгори зиндагӣ барои аҳли ҷомеаи кишвар ҳадафи ҳар як давлати мутамаддин ва мақоми қонунгузори он ба шумор меравад. Дар ин амри хайр давлат ба ҳамкорӣ бо ҳамаи афроди ҷомеа ниёзманд мебошад.

Дар иртибот ба ин маънӣ дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд, давлат барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Саъю талош ва иқдомҳои наҷиби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири ободии боз ҳам беш-тари кишвари азизамон ва беҳбудии рӯзгори мардуми он аз нуктаҳои ин санади сарнавиштсоз сарчашма мегиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию ягона қадамҳои устувор мегузорад. Парламенти мамлакат ҷиҳати тақвияти ҳарчи бештари сохти давлатдорӣ, риояи волоияти қонун, ҳамоҳангсозии робитаҳои фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар доираи созмонҳову иттиҳодҳои байнипарламентӣ нақши арзишмандро бар ҷой мемоварад. Ҳадаф ва мароми ин мақоми олӣ дар шароити кунунӣ муҳофизату ҳимояти дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, Ваҳдати миллии тоҷикон, заминаи мусоид фароҳам овардан барои рушду нумӯи тамоми бахшҳои ҷомеаи кишвар тавассути қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Хусусан даъвати чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ҳамчун марҳилаи нави рушди мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар ҷараён гирифт.

Дар тайи панҷ соли гузашта халқ ва давлати мо дар тамоми бахшҳои ҷомеа ба дастовардҳои беназир ноил гардиданд. Аз ҷумла, симои минтақаи Рашт низ бо ёриву дастгирии бевоситаи Сарвари давлат дигар шуда, як силсила корхонаву иншоотҳои соҳаи фарҳангу маориф, тиб, варзиш ва ғайра бунёд гардид.

Дар ҷараёни фаъолияти даъвати чоруми Маҷлиси намояндагон ҳамчун вакили мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор аз ҳавзаи интихоботии Рашт №12 ва Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушду нумӯи тамоми бахшҳои ҷомеа ва тамоми минтақаҳои ҷумҳуриамон саъю талош кардам. Дар ин муддат ба хотири ободии диёр ва рафъи мушкилоти мардум ҳар он чи кардам, интихобкунандаҳоям хуб огоҳӣ доранд.

Агар интихобкунандаҳо маро ба ин мақоми пурифтихор - вакилии Маҷлиси намояндагон сазовор донанд, тамоми саъю талош ва донишу қувватамро ҷиҳати қабули қонунҳои муҳиму саривақтӣ ба хотири рушду нумӯи боз ҳам бештари кишвари азизамон сарф хоҳам кард. Дар даъвати чорум мо бештар ба самтҳои қонунгузорӣ ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, амалӣ намудани ҳадафҳои стратегияи миллии мамлакат доир ба таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар, инчунин бахшҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илму маориф, фарҳанг, кишоварзӣ, саноату сохтмон, масъалаҳои байналмилалӣ ва ғайра таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардем. Дар бахши қонунгузорӣ ҷиҳати беҳбудӣ бахшидани вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ корҳои зиёдро анҷом додем. Дар сурати вакили Маҷлиси намояндагон даъвати панҷум интихоб шуданам ҷиҳати идома ёфтани қонунгузорӣ дар самтҳои мазкур самимона кӯшиш хоҳам кард. Ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ободии бештари минтақаҳои кӯҳӣ, аз ҷумла Раштонзамин, инчунин дастгирии маъюбон, бепарасторон ва дигар эҳтиёҷмандон, зиёд намудани квотаҳои президентӣ барои таҳсил дар донишгоҳҳои кишвар барои духтарон ва дигар масъалаҳои муҳим ҳамкориро идома хоҳам дод. Дар фаъолияти вакилиям барномаи пешазинтихоботии ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ хоҳам гирифт.

Дар баробари масъалаҳои зикршуда, ба тариқи мушаххас дар бахшҳои зерин низ саъю талош хоҳам намуд:

-чораандешӣ ҷиҳати таъмини волоияти қонун, фарҳанги ҳуқуқӣ ва иртифои савияи маънавиёти шаҳрвандон;

-амалӣ намудани қонунгузорӣ роҷеъ ба масъалаҳои нафақа, сиёсати андоз, сармоягузории хориҷӣ, истифодаи замин, инчунин роҷеъ ба фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар;

-мусоидат ҷиҳати бунёди корхонаҳои коркарди мева ва дигар навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ;

-чораандешӣ ва мусоидат ҷиҳати зиёд намудани майдони кишти картошка, дигар сабзавоти мавриди ниёзи мардум, дастрас намудани тухмиҳои хушсифат, бунёди боғҳои нав;

-чораандешӣ ҷиҳати амалӣ намудани фаъолият дар бахши таъриху фарҳанг, адабиёт ва бостоншиносии Раштонзамин;

- мусоидат ҷиҳати сохтмони каналҳо, таъмини об барои киштзор ва боғҳо;

- мусоидат ҷиҳати бунёди муассисаҳои нави соҳаи маорифу фарҳанг, тиб, варзиш, таъмиру бунёди роҳҳо ва пулҳо.



## БАРОИ ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ

**Барномаи пешазинтихоботии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Хоруғ № 41, Акрамшо Фелалиев**

Меҳри зодгоҳ, дарки масъулият ва мушкилоти сокинони шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим ва Мурғоби ВМКБ водор месозад, ки дар интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, масъалаҳои зеринро асоси Барномаи фаъолияти худ қарор диҳам:

**1.** Дастгирии ҳамаҷонибаи сиёсати сулҳҷӯёна ва созандаи Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон "Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ суботи сиёсӣ, созандагиву ободӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!".

**2.** Фаъолияти пайваста барои ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ, амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ ва рушду нумуи Тоҷикистон;

Равандҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ҷиҳати таъмини талаботи гузаронидани экспертизаи дақиқи илмӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва зиддикоррупсионии лоиҳаи қонунҳо ҳангоми таҳияи онҳо;

Таҳкими ваҳдат ва ягонагии Тоҷикистон, фароҳам овардани зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як шахс.

**3.** Мусоидат дар татбиқи Барномаҳои ислоҳоти иқтисодии мамлакат, ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои моддӣ;

Инкишофи инфрасохтори коммуникатсионӣ ва пайваст намудани он бо шабакаҳои минтақавии ҷаҳонӣ, бехатаргардонии фазои сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баландбардории сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии сокинони мамлакат, аз ҷумла аҳолии деҳот.

**4.** Иштироки фаъолона дар омода намудани заминаҳои ҳуқуқии рушду нумӯи тамоми соҳаҳои илму маориф, фарҳанги миллӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

Баландбардории пояҳои моддию техникии муассисаи таълимӣ ва хизматрасонии тиббӣ, тарбияи кадрҳои ҳозирзамон, боло бурдани эътибору эҳтироми кормандони илму маориф, сатҳи дониш, маънавиёт, маърифати ҳуқуқӣ ва ҳалли мушкилоти дигари сокинони мамлакат, пеш аз ҳама насли наврас, ҷавонон ва занон.

**5.** Мусоидат дар рафъи омилҳое, ки покизагии одобу ахлоқи ҷомеа ва анъанаҳои миллиро халалдор мекунад, муҳайё намудани муҳити оштинопазир бо миллатгарои, маҳалгароӣ, зӯроварӣ дар оила, мубориза бо қонуншиканӣ, ришвахурӣ, сӯистифода аз мансаби хизматӣ, тамаъҷӯӣ, қассодӣ, молӣ, савдои одамон, терроризм, экстремизм, нашъаҷаллобӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ.

**6.** Мусоидат барои бунёди мавҷқабулкунакҳои телефони мобилӣ, дар деҳаҳои дурдасти ноҳияҳои Шуғнон, Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб, бунёди НБО-и "Себзор" дар ноҳияи Роштқалъа, бунёди хобгоҳи донишҷӯёни коллеҷи тиббии ш. Хоруғ, таъмири НБО-ҳои амалкунанда ва бунёди НБО-и "Оқсу- 2" дар ноҳияи Мурғоб, бунёди хати интернетӣ дар ноҳияи Ишкошим, кушодашавии филиали Коллеҷи кӯҳӣ дар шаҳри Хоруғ; сурьатбахшии сохтмони хатти қубури обгузар аз рӯдхонаи деҳаи Тӯсиён то ҳудуди боғи ботаникии ш. Хоруғ, сохтмони пули мошингузар дар мавзеи "Селхозтехника"-и ш. Хоруғ, бунёди корхонаи хурди хиштбарорӣ ва коркарди тунука, коргоҳи коркарди чӯб, коргоҳи сайёри шағалбарорӣ, сехи дӯзандагӣ дар н. Роштқалъа, корхонаи истеҳсоли обҳои минералӣ дар н. Ишкошим; омода намудани лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ дар давраи то соли 2020, ҳалли дигар мушкилоти шаҳри Хоруғ, ноҳияи Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, Мурғоб ва сокинони онҳо.

## РӮ БА РӮ БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН



Воҳӯрии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии якмандатии Сино №4 Ҷамшед Саидов бо сокинони шаҳраки №11-и ноҳияи Сино, рӯзи 20 феврали соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Литсей-интернати Президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Инчунин дар воҳӯрӣ номзад ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе Савринисо Амроқуловна, номзад ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Сино Нурхон Ҳаётзода ва шахсони боэътимоди онҳо иштирок ва суханронӣ намуданд.

Наҳтулло Назаров, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Сино, ки чорабиниро сарварӣ мекард, пас аз муаррифии шарҳи ҳоли Ҷамшед Саидов суханро ба ӯ дод.

Номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Саидов дар назди ҳозирин барномаи пешазинтихоботии худро дар шакли фишурда шарҳ дод. Мавсуф дар интиҳои сухан бо истифода аз ҳуқуқи шаҳрвандиаш аз интихобкунандагон даъват ба амал овард, ки ба ҷонибдории ҲХДТ ва номзадҳои он овоз диҳанд.

Сипас номзадҳо ба вакилии маҷлиси вакилони шаҳру ноҳия ба сухан баромада, бо истифода аз барномаи пешазинтихоботии худ ҳадафҳояшонро баён намуданд.



"МХ"



# БАРОИ РУШД, ТАРАҚҚИЁТ ВА ТАТБИҚИ БОСАМАР!

**Барномаи пешазинтихоботии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҲХДТ Бобоева Гулнора Исломовна, аз ҳавзаи интихоботии Исмоили Сомонӣ, №2**

Ман, вижагиҳои мусбати таҷрибаи намояндагиро ба роҳбарӣ гирифта, бо дарназардошти натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар, татбиқи Стратегияи миллии рушд ва истифодаи дигар имконияти бузурги захиравӣ барои амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии мамлакат - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзу таъмини амнияти озуқаворӣ тамоми нерӯи худро равона месозам.

Барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дар ин замина мунтазам баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ҳамаи самтҳои афзалиятноки ҲХДТ-ро, ки дар Барномаи пешазинтихоботӣ то соли 2020 муайян намудааст, ҳамаҷониба дастгирӣ ва барои татбиқи босамари он ҷидду ҷаҳд мекунам;

- дар самти татбиқи сиёсати иқтисодӣ раванди инкишофи бонизоми иқтисодиётро ҷонибдорӣ намуда, фаъолияти озоди иқтисодӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро дастгирӣ менамоям;

- дар пойтахти азизамон барои боз ҳам беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ, шаффофият ва дастрасии онҳо ба мардум, инчунин баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати сари вақт ва сифатнок пешкаш намудани хизматрасониҳо бо мақомоти дахлдори давлатӣ ҳамкорӣ менамоям;

- ҷиҳати таъмини рушди комплекси энергетикии мамлакат ҳамчун омили бунёдии рушди устувори иқтисодӣ вазифаҳои муайяннамудаи ҲХДТ-ро иҷро мекунам;

- дар таҳкими фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии ноҳияҳои пойтахт, такмили низоми буҷет ва таъмини уҳдадориҳои иҷтимоӣ ширкат меварзам;

- барои ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва рушди соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики иқтисодиёт фаъолияти худро ба самтҳои зарурӣ равона месозам.

Ҳамчун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сокини пойтахти азизамон шаҳри Душанбе ҳифзи Истиқлолияти давлатиро муқаддас шуморида, дар шароити мураккабу душвори ҷаҳони муосир ва равандҳои пуртазоди сиёсӣ дар ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ-ро пуштибонӣ мекунам, ки инҳо мебошанд:

• таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

• нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва устувории сиёсӣ дар мамлакат;

• тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ;

• таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар;

• пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият;

• тағйирнопазирии сохти конститутсионии давлат;

• таъмини рушду устувории иқтисодиёти кишвар;

• мубориза бар зидди терроризм, экстремизм;

• мубориза бар зидди ҳама гуна амалҳои коррупсионӣ.

Вобаста ба масъалаи муносибат ба дин ва озодии виҷдон фаъолият ва мавқеи худро бар асли дунявият, эҳтироми муқаддасоти динӣ, ҳамкориҳои созанда бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои динӣ ба роҳ монда, ба хотири ҳифзи анъанаҳои мазҳабӣ, суннати таҳаммулгарой, мероси фарҳангии динҳо, озодандешии таърихии миллӣ ва муколамаи гояҳо саъю талош мекунам.

Ҳамчун вакили мардумӣ ташаббусу ибтикороти ҷавонону занонро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, дар ҳамоҳангӣ бо мақоми вакolатдор ва имконияту салоҳияти базиммадошта барои беҳтар кардани вазъи иҷтимоӣ, нақшу мақоми онҳо дар ҷомеа ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои иловагӣ меандешам.

Ҳамчунин татбиқи ҳадафҳои зерини муқарраргардидаи ҳизбиро барои худ муҳим мешуморам:

• паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ тавассути фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ;

• омӯхтани талаботи бозори меҳнати давлатҳои қабулкунанда ва дар асоси ин талабот тайёр кардани мутахассисон;

• мутобиқ гардонидани қонунҳои амалкунандаи мамлакат оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷа;

• чораҷӯӣ доир ба қабули шартномаи суғуртаи иҷтимоӣ барои муҳоҷироне, ки дар хориҷи кишвар кор мекунанд, аз ҷумла бо роҳи ҳавасмандгардонии хизматрасонӣ.

Бо мақсади дастрасии мардум ба хизматрасонии сифатноки тиббӣ такмили низоми идоракунии соҳаи тандурустиро муҳим шуморида, ҷорӣ намудани рақобати солим, ташаккули низоми муосири хизматрасонӣ бо истифода аз технологияҳои замонавӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби соҳаро аз ҷумлаи иқдомоти зарурӣ медонам.

Ҳамчун мутахассиси соҳаи маориф дар фаъолияти вакилӣ кӯшиш мекунам, ки на камтар аз сеяки дармоди буҷет барои бунёди инфрасохтор, таъмини технологияҳои нав, рушди нерӯи инсонӣ ва истеҳсолии соҳаи илму маориф сафарбар карда шавад.

Дар меҳвари фаъолияти вакилӣ дар самти илму маориф, пеш аз ҳама, барои дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати куҳанбунёди тоҷик тарбия намудани насли наврасu кишвар аҳамият дода, ҳамкории доимии олимону устодон бо сохторҳои илмиву таълимии кишварро зарур медонам ва татбиқи чунин ҳадафҳои ҲХДТ-ро қобили қабул мешуморам:

• афзалияти соҳаи илму маориф ҳамчун самти стратегии сиёсати давлат;

• дастрасии таҳсилоти босифат, аз ҷумла таҳсилоти олӣ барои ҳамаи намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа;

• баланд намудани мақоми кормандони соҳаи илму маориф, зиёд кардани музди меҳнат ва таъмини ҳифзи иҷтимоии онҳо;

• бо мақсади ҳарчи бештар фаро гирифтани кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ, инкишоф додани зинаи таҳсилоти томактабӣ ва азнавсозиву бунёд кардани муассисаҳои томактабӣ аз ҳисоби давлат, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, оилавӣ, шахсони эҳсонкор, таъсиси шаклҳои алтернативии муассисаҳои томактабӣ;

• таъмини дастрасӣ ба шабакаи интернет дар ҳамаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва ташкили китобхонаҳои электронӣ;

• стандартизатсияи давлатии барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ба роҳ мондани чопи китобҳои дарсӣ ба забони давлатӣ дар асоси нақша ва барномаҳои таълимӣ;

• такмили низоми имтиҳони марказонидашудаи қабул тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар мавриди интихоб шудан ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди низоми қонунгузории кишвар, таҳкими рукнҳои давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳифзи сулҳу субот ва амнияти иқтисодии кишвар низоми ҳуқуқии давлатро дар доираи сиёсати ҳуқуқии ягона ва ҷавобгӯ ба манфиатҳои мардуми кишвар ва давлати Тоҷикистон такмил ва вусъат хоҳам бахшид.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки мо, якҷоя бо Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва бо дастгирии мардуми шарифи кишвар, таҳти сарварии Раиси ҳизб, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба татбиқи ҳадафҳои барномавии ҳизб ноил гардида, Ватани азизамон ва мардуми шарифи Тоҷикистонро ба сӯи арзишмандтарин хостаҳои миллӣ ва зиндагии шоиста раҳнамоӣ хоҳем кард.

# ҲОКИМҶОН ХОЛИҚОВ - НОМЗАДИ МО

**Узви Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" Ҳокимҷон Холиқов, аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Ҷалолиддини Румӣ №30, ҳамчун номзади Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба вакилии Маҷлиси намояндагон пешбарӣ шудааст.**



Холиқов Ҳокимҷон баъди хатми мактаби миёнаи №51 дар ноҳияи Румӣ ва хатми техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе, ҳамчунин дар Донишгоҳи андоз ва ҳуқуқ бо ихтисоси иқтисодчӣ-менеҷер таҳсил кардааст.

Сипас баҳри такмили ихтисос ва аз худ кардани донишҳои соҳавии замони муосир дар факултети молия ва қарзи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсили илм намуда, ҳамзамон Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Русияро бо ихтисоси идоракунии кормандон хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 1995 оғоз карда, дар вазифаҳои муҳосиби иттиҳодияи истеҳсолии "Зайнаббибӣ"-и шаҳри Душанбе, хазинадор, муҳосиб оид ба хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, муовини сармуҳосиби идораи амалиётии "Амонатбонк" кор кардааст.

Солҳои минбаъда дар Бонки давлатии "Амонатбонк" аз вазифаи хазинадор сар карда, то ба иҷрои вазифаҳои пурмасъули сардори идораи амалиётӣ, директори департаменти хазинадории Раёсати "Амонатбонк" сафарбар мегардад ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи апрели соли 2007-ум узви Раёсати Бонки давлатии амонатгузории ҶТ "Амонатбонк" таъин шудааст.

Ҳокимҷон Холиқов дар баробари фаъолияти меҳнатии худ дар соҳаи бонкдории кишвар, инчунин дар мавзӯи "Бозори қоғазҳои қиматнок", ки барои мамлакат таҷрибаи нав, зарурӣ ва ҷавобгӯ ба дархостҳои замони муосир мебошад, тадқиқоти илмӣ пеш бурда истодааст.

Самтҳои асосии барномаи пешазинтихоботии Ҳокимҷон Холиқовро бахшҳои сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва маънавиёт ташкил дода, ӯ садоқат ба арзишҳои соҳибистиқлолӣ, озодӣ, баробарҳуқуқӣ ва ошкорбаёнӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи иҷтимоии Тоҷикистонро ҳадафи асосии худ мешуморад.

Ба интихоботи парлумонӣ бо шиори ҲХДТ "Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, субoти сиёсӣ, созандагиву ободӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум" ворид шудааст.

Номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон Ҳокимҷон Холиқов мавҷудияти баробари шаклҳои гуногуни моликият, хоҷагидорӣ, фаъолияти баробарвазни корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ ва ғайридавлатиро зарур мешуморад. Зеро бо густариш додани низоми иқтисодиёти омехта иқтисодиёти миллӣ ба тавври ниҳоӣ ташаккул ёфта дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ тадриҷан мавқеи устувор пайдо мекунад. Бо дарназардошти ин Ҳокимҷон Холиқов ҳамчун узви фаъоли ҲХДТ таҳияи Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030-ро ҷонибдорӣ мекунад.

Мутобиқи Стратегияи мазкур нишондодҳои иқтисодии кишвар то соли 2020 ду баробар афзоиш ёфта, ММД ба сари ҳар нафар якуним баробар зиёд мешавад ва сатҳи камбизоатӣ то 20 фоиз кам карда хоҳад шуд. Барои амалӣ намудани ин ҳадафи стратегӣ аз ҳисоби буҷаи мамлакат ва ҷалби сармоя 35 миллиард сомонӣ ҷудо карда мешавад. Бо истифода аз захираҳои бой ва истифоданашудаи табиии кишвар таъсиси корхонаҳои саноатии истихроҷи маъдан, рушди саноати металлургияи ранга ва ба кор даровардани корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар кишвар яке аз роҳҳои расидан ба истиқлолияти комили иқтисодӣ, афзун шудани ҳаҷми захираҳои асъори Тоҷикистон мебошад. Таҳия ва қабули қонуну санадҳои ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва ҳавасмандкунандаи сармоягузорони хориҷӣ бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ, барои дар муҳлатҳои пешбинишуда, самаранок ва босифат амалишавии барномаи Стратегияи миллии рушд тақвият мебахшад.

Ӯ дар барномааш зикр мекунад, ки барои рушди бемайлон ва босуръати саноати миллӣ беш ва пеш аз ҳама энергияи арзону камхарҷ, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барои муҳити зист безарар зарур мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, ҳар чи тезтар ба кор даровардани нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ҳадафи дар навбати аввал бояд бошад. Дар баробари ҳамин ба масъалаи коркард ва истихроҷи нафту гази ватанӣ бо иштироки ширкатҳои давлатӣ, хусусӣ ва муштараку хориҷӣ мебояд такони ҷиддӣ дода шавад.

Бо амалӣ шудани барномаҳои иқтисодӣ мушкилоти иҷтимоӣ роҳҳои ҳалли худро пайдо хоҳанд кард. Номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон Ҳокимҷон Холиқов таъмини рушди иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии шоистаи мардумро аз ҳадафҳои аввалиндараҷа медонад. Барои расидан ба ин ҳадаф таҷдид ва азнавсозии инфрасохторҳои иҷтимоии шаҳраку деҳот, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, паст кардани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи мамлакат, ҷалб намудани сокинон ба барномаҳои омӯзишӣ, таъсиси курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ, ҷалби ҳарчӣ бештари занону духтарон ба ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дастгирии онҳо ва ҳамчунин ҷавонон аз тарафи давлатро зарур мешуморад.

Мавсуф дар барномааш татбиқи Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020-ро, мусоидат барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои тиббӣ, бо таҷҳизоти муосир таъмин намудани онҳо, беҳтар кардани сатҳи хизматрасонии тиббиро ҳамчун иҷрои вазифаи аввалиндараҷа ва эҳтиром гузоштан ба арзишҳои инсондӯстӣ медонад.

Инчунин, боз ҳам тақвият бахшидан ба рушди соҳаҳои маориф ва фарҳанг, алалхусус дар маҳалҳо, баланд бардоштани мақом ва нуфузи кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг, таъмини ҳифзи иҷтимоии онҳоро самти афзалиятноки барномаи пешазинтихоботии худ иброз доштааст.

Амалигардии барномаи пешазинтихоботии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳокимҷон Холиқов, ки аз тарафи конференсияи ҲХДТ дар ҳавзаи интихоботии якмандатии Ҷалолиддини Румӣ №30 пешбарӣ шудааст, аз интихоб, ирода ва овози интихобкунандагон вобаста аст. Аз ҳамаи интихобкунандагон даъват ба амал оварда мешавад, ки рӯзи 1-уми марти соли равон ба участкаҳои интихоботӣ омада, ба тарафдории номзади арзандаи худ овоз диҳанд ва ба дар тақвияти соҳибистиқлолии кишвар, рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданиву фарҳангии он саҳмгузор бошанд.

**Акрам Ҳаитов**

Минбари халқ
25 феврали соли 2015,
№9 (988)

# ЧАРО БА ҲХДТ

**Комроншоҳи УСТОПИРИЁН, чемпиони ҷаҳон оид ба гӯштини миллӣ:**



-Ман хеле ҷавонам. Аммо ба шарофати таълими падар ва андаке кӯшиши худам ҷаҳонро гаштам. Насиб будааст, дар бисёр мусобиқаҳои байналмилалӣ ғолиб омада, муқаддасоти Тоҷикистон- Парчами миллатро барафрохтам. Боиси фараҳмандист, ки соли 2010 баъди ғолибияти навбатиам дар чемпионати ҷаҳон маро ба сафи ҲХДТ пазируфтанд. Аъзо шуданам ба ҳизб ба дӯши ман масъулияти калон гузошт. Дар мусобиқаҳои минбаъда ҳамин ҳизби муаззам маро рӯҳу илҳоми тоза бахшид, ки ғалабаҳо паи ҳам ба даст омаданд. Аз рӯи гӯштини самбову дзюдо ва кураш 7 маротиба чемпиони ҷаҳон гардида, айни ҳол умед дорам ба рӯйхати иштирокчиёни бозиҳои олимпии соли 2016 дар Бразилия шомил гардам.

Дар кадом мусобиқае, ки ширкат варзидам, ифтихор аз Тоҷикистону тоҷикистонӣ будан кардам. Тоҷикистони соҳибистиқлоли моро бошад, фарзанди фарзонаи миллат, Раиси ҳизби пешбари ҷомеа- ҲХДТ сарварӣ дорад, ки дар рушду нумӯъи варзиш ва солимии миллат хидматҳои арзандаву шоиста мекунад.

Воқеан ҳам, дар Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба масъалаи дастгирии мо ҷавонон эътибори хоса дода шудааст.

Дар рӯзи интихобот бошад, ба тарафдории номзади арзанда аз ҲХДТ овоз дода, дигар ҳамсолони худро низ ба ин даъват мекунам.

**Шодихон ЮСУФБЕКОВ, директори Пажӯҳишгоҳи инсоншиносии Академияи илмҳо:**



- Дар ҷумҳурӣ 8 нею агар 80 ҳизб бошад ҳам, ман танҳо ба номзадҳои ҲХДТ овоз медиҳам. Чаро? Ба он хотир, ки ҲХДТ ба маънои комил ҳизб аст. Дар маҳаллаҳо ташкилотҳои ибтидоии худро дорад ва онҳо пайваста кор мекунанд. Ва комиҷроияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ҳатто ташкилотҳои ибтидоиашон рӯзҳои муайян арзи корафтодагонро мешунаванд. Раисони комиҷроияҳо вақти қиматбаҳои хешро дареғ надошта, ба идораҳои дахлдор муроҷиат менамоянду масъалаи корафтодагонро ҳаллу фасл менамоянд. Бовар кунед, 95 дарсади арзи корафтодагон ба фоидаи онҳо ҳал мегардад. Чандин нафаронро медонам, ки бо масоили иҷтимоӣ ба комиҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Рошткалъа муроҷиат намудаанду бо имдоди онҳо ҳақ ба ҳақдор расид. Пас чаро ман ба ҳизбҳои дигар овоз диҳам? Дар ҳоле, ки фаъолияташон танҳо мавсимисту аз мардум фарсахҳо дуранд. Бовар кунед, бидуни ҲХДТ ва ҳизби коммунист мардум ҳатто номи раисони дар маҳалбудаи дигар ҳизбҳоро намедонанд, аммо чун интихобот наздик шуд, онҳо чунон фаъол мешаванд, ки гӯё шабу рӯз дар байни мардум буданду дилу ҷони онҳоянд.

**Маҳингул НАЗАРШОЕВА, ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон:**

- Барномаи номзадҳои ҳамаи ҳизбҳоро хонда, таҳлил кардам ва оқибат ба хулосае омадам, ки барномаҳои номза-



дҳои ҲХДТ нисбат ба аҳзоби дигари ҷумҳурӣ як сару гардан фарқ доранд, яъне гуфтаниям, ки номзадҳои ҲХДТ нафарони босаводанд ва масоилеро, ки баррасӣ менамоянд, тибқи тақозои замонанд. Барои Ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум равона шудаанд. Беҳуда нест, ки ҳангоми воҳӯрии номзадҳои ҲХДТ ҳатто дар дурдасттарин деҳоти кишвар толор аз хурду калон пур мешавад. Одамон чун шунаванд, ки дар фалон деҳ бо намояндагони ҲХДТ воҳӯрӣ баргузор мегардад, ба дурии роҳ нигоҳ накарда, пои пиёда меоянд, ин шаҳодати эҳтироми ин ҳизб дар байни мардум аст.

**Лаъчуба МИРЗОҲАСАНОВ, раиси бахши бадахшонии Иттифоқи нависандагон:**

- ҲХДТ бо фаъолияти суботкоронаи хеш собит гардонид, ки ҳақиқатан ҳам ҳизби мардумист, яъне ҳизбе, ки дармонбахши дарди инсонҳост. Ҳизбест, ки масъулияти хешро дар назди халқ , ҷомеа комилан ҳис менамояд. Дар кулли ободию созандагиҳо ҳиссаи ин ҳизб назаррас аст. Ман дар чандин воҳӯриҳои Президенти кишвар Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиён пайваста ширкат варзидам. Дар ҳар як воҳӯрӣ Ҷаноби Олӣ, албатта, аз қалам-



кашон сухан меронаду таъкид менамояд, ки «Шумо асарҳои арзандаро иншо кунед, мо омодаем, ки дар масъалаи интишор мадад расонем». Ва дар амал низ ҳамин тавр аст. Кулли он асарҳое, ки лоиқи чопанд, муаллифонашон аз имдоди Ҷаноби Олӣ бархӯрдоранд.

ҲХДТ-ро аз он азиз медорам, ки сухану амали аъзояш як аст. Он тавре ки ҳарф мезананд, ҳамон тавр амал доранд, ҳеҷ гоҳе ба дасиса даст намезананд, касеро тӯҳмат намекунанд. Ҳар комёбиеро, ки соҳибанд, ба вижа ҳар маҳбубиятеро, ки дар байни халқ доранд, ин аз заҳмати онҳо дар ободонии кишвару беҳбудии рӯзгори мардум аст.Танҳо ман не, кулли қаламкашони Бадахшон аз ҲХДТ сидқан ҷонибдорӣ менамоянд. Ин ҳизбест ,ки танҳо дар интихоботҳо лофу қоф намезанад, ба хотири бардоштани мақоми хеш аҳзоби дигарро бадном намекунад. Кору амали он чи дар давраи интихоботҳову чи дар вақтҳои муқаррарӣ як навъ ҷараён дорад.

**Шамшербек ҚУРБОНБЕКОВ, устоди варзиш:**

- Таъсиси ҳизб он қадар мушкил нест. Онро ҳар гурӯҳ ҳам сомон дода метавонад , аммо пешбурди фаъолияташ чи хел ҷараён мегирад, ин гапи дигар аст. Ба фикрам асосаш ана ҳамин чиз аст. Бигзор, бародарону хоҳаронамон наранҷанд, аммо дар таҳлили фаъолияти аҳзоби дигар алоҳида ҷиддием. Ҳар як ҳизб бояд ҳар сари вақт дар назди мардум аз фаъолияти хеш ҳисобот диҳад, ки дар пешбурди иқтисодиёту иҷтимоиёти Ва-



тан кадом корҳоро сомон додааст. Фикр мекунам, ягона ҳизбе, ки дар ин амал муваффақ шудааст, ҲХДТ аст.

**Владимир ТАРАСОВ, нафақахӯр, Аълочии матбуот ва фарҳанг, дорандаи ордени "Дӯстӣ":**

- Ман ба Тоҷикистон соли 1975 аз вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон кӯчида омадам. 35 сол дар нашрияи вилоятии "Ленинабадская правда" (имрӯз "Согдийская правда") заҳмат кашидам. Соли 2000-ум ба муносибати 10- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии



Тоҷикистон Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон хизматҳои хоксоронаи маро бо ордени "Дӯстӣ" қадр кард, ки аз ин ифтихор мекунам. Айни ҳол бошад, дар нафақаам. Дар маркази вилояти Суғд зиндагӣ карда, боре ҳам бо мардуми маҳаллӣ гапамон нагурехтааст. Баръакс, бо ҳамсарам Ирина дар фазои дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ умр ба сар мебарем.

Мегӯянд, ки "қарсак аз ду даст садо медиҳад". Мо ҳам ҷавобан ба неккоҳии ҳамсоягон мекӯшем сазовор ҷавоб гардонем. Тамоми анъанаҳои мардумии тоҷиконро риоя мекунем. Дар маъракаҳои тӯю азояшон фаъолона ширкат меварзем. Шояд ба сарзамини аҷдодиамон кӯч набастанамон аз ҳамин сабаб бошад.

Дирӯз барои иштирок дар маъракаи интихобот хабарнома гирифтем. Бо ҳамсарам барномаҳои пешазинтихоботии тамоми ҳизбҳоро мутолиа кардем. Аз ҷумла Барномаи ҲХДТ-ро. Хушҳол гардидем, ки дар самти таҳкими ваҳдат ва ягонагии Тоҷикистон ин ҳизби пешбари ҷомеа ният дорад "суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро асоси пешравии ҷомеа шуморида, барои таҳкими ваҳдат ва ризоияти миллӣ, ташаккули фарҳанги ваҳдатгароии шаҳрвандон, густариши ғояи миллии "Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол-Ватани маҳбуби ҳамаи мо!" саъю талош намояд. Акнун хотирамон ҷамъ аст, ки минбаъд низ дар кишвари мо сулҳу ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмрон хоҳад буд. Ва боқимонда умри худро дар ҳамин сарзамини офтобӣ паси сар хоҳем кард.

Аз ин рӯ, ману ҳамсарам рӯзи интихобот ҳатман ба тарафдории номзадҳои ҲХДТ овоз дода, дигар ҳамзабонони худро низ ба ин амали хайр талқин месозем.

**Мирзоибодуллоҳ КАЛОНЗОДА, имомхатиби масҷиди ҷомеъи "Нури Ислом":**

- Чун мо дар пешорӯи маъракаи муҳими сиёсӣ-интихоби вакилон ба Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ қарор дорем, набояд ба тақдири Ватан бепарво бошем. Зеро, Ватан ба ибораи дигар саҷдагоҳи мост.

Ба андешаи ман, аз 8 ҳизбе, ки имрӯз мехоҳанд намояндагони худро бештар дар мақомоти олии қонунбарори мамлакат бинанд, хидмати бештареро дар таҳкими сулҳу ваҳдат ва оромӣ ҳизби пешбари ҷомеа, ҳизбе, ки сарвариашро Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зимма доранд- ҲХДТ ба ҷо овардааст. Ин воқеият аст ва Ислом ҳам таъкид мекунад, ки мо ба раванди зиндагӣ воқеъбинона баҳо диҳем ва аз он хулосаи даркорӣ бароварда, баъд амал кунем.



Албатта интихоб озод аст, аммо, аз рӯи амри дилу виҷдони пок бояд дар он иштирок кард. Вақти интихоб мо бояд хеле боандешона рафтор кунем. Мегӯянд, ки ҲХДТ ҳизби ҳоким аст. Дуруст. Лекин заҳматҳои шоистаи сарвари ҳамин ҳизби ҳоким буд, ки дар ҷумҳурӣ оташи ҷанги бародаркуш хомӯш гашт. Ин хизмати бузургро ҳеҷ кас инкор карда наметавонад ва таърих ҳам фаромӯш намесозад.

# ОВОЗ МЕДИҲАМ?

Ман Барномаи пешазинтихоботии тамоми ҳизбҳои сиёсиро хондам. Ба чунин хулоса омадам, ки дар Барномаи ҲХДТ механизми таъмини пешравӣ дар тамоми самтҳо хуб тарҳрезӣ шудааст. Иловатан, ин ҳизб таҷрибаи беш аз 20- солаи кориву давлатдорӣ дорад, борҳо аз имтиҳонҳои сахти зиндагӣ гузаштааст. Бинобар ин ҳам, рӯзи интихобот мо ба ҷонибдории номзадҳо аз ҲХДТ овоз дода, пушаймон нахоҳем шуд.



**Исохоча КАРИМХОҶАЕВ, Аълочии нигаҳдории тандурустии СССР:**

- Замони шӯравӣ Ҳизби коммунист ҳукмрон буду онро чун ҳизби раҳнамову пешво ва амалисозандаи орзуву ормони халқ меҳисобидем. Ҳама аъзои он будем.

Бо гузашти айём имрӯз сохтори давлатдорӣ дигар шуду, нақши роҳбарикунанда ва пешвогиро ҲХДТ соҳиб шуд. Ҳизбе, ки аз таъсиси он солҳои зиёд сипарӣ нашуда бошад ҳам, аммо тахти сарварии Раиси он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба халқу Ватан хизмати содиқона кард ва сазовори боварӣ гардид.

Ин ҳам амри тақдир аст, ки имрӯз ҲХДТ ҳизби пешвою муаззам ва раҳнамост. Гарчанде худ узви ин ҳизб набошам ҳам, Барномаи пешазинтихоботияш бароям хеле писанд афтод. Он тамоми самтҳои рӯзгори мардуми кишварро фаро гирифта, нақшаву ниятҳои накуаш воқеан амалишавандаанд.

Ин ҷо ба фикрам ҳоҷат ба шарҳу эзоҳи зиёдатӣ нест. Танҳо кулли ҷомеа, алалхусус мо собиқадорону кормандони соҳаи тиббро зарур аст, ки рӯзи интихобот аз рӯи ақлу хиради азалии хеш амал намуда, ба тарафдории номзадҳои ҲХДТ овоз диҳем.

**Тулқун ТОҶИБОЕВ, Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон:**

- Фаъолиятамро чун санъаткор замони шӯравӣ оғоз карда будам. Аммо дар даврони истиқлол қадршиносӣ шудам. Соли 2000-ум хизматҳои хоксоронаи маро ба инобат гирифта, нахуст бо унвони Ҳунарманди хизматнишондодаи Тоҷикистон сазовор донистанду соли 2012-ум бошад, барои суруди "Давлати ман Тоҷикистон" ба унвони "Ҳунарман-



ди мардумии Тоҷикистон" қадршиносӣ намуданд.

Ҷоизаро шахсан Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супорида, барои меҳнатам арзи сипос намуданд ва таъкид карданд, ки минбаъд барои боз ҳам барои баланд бардоштани санъати миллӣ ва дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардани он кӯшиш намоям.

Аслан мо санъаткорон аз сиёсат берун ҳастем. Лекин бе он буда ҳам наметавонем. То маъракаи муҳими сиёсӣ -интихоботи вакилони халқ рӯзҳои башумор мондааст. Шахсан ба чунин хулоса омадам, ки ба тарафдории номзадҳо аз ҲХДТ овоз медиҳам. Зеро, дар Барномаи пешазинтихоботии ин ҳизб, ки узви он ҳастам, нисбати рушду нумӯъи фарҳангу ҳунар эътибори хоса дода шудааст.

**Назрӣ ОФАРИДАЕВ, профессори Донишгоҳи давлатии Хоруғ:**

- Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давраи тақдирсози Ватан бо масъулияти бузурге дар роҳи пойдории сулҳу субот ва бозсозии мамлакат чун созмони сиёсии ҳифзкунандаи арзишҳо ва манофеи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи фаъолияти



сиёсӣ ворид гардид.

Ҳизб нерӯҳои солимфикри ҷомеаро муттаҳид намуда, дар муддати хеле кӯтоҳ боварии аксари қишри ҷомеаи Тоҷикистонро ба даст овард. ҲХДТ аз уҳдаи муттаҳид намудани мардум дар атрофи ғояи созандагию бунёдкорӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзаи ҷаҳонӣ ба хубӣ баромада, пойгоҳи устувореро дар ҷомеа касб намуд, мафкураи умумимиллиро дар ҷомеа густариш дод. ҲХДТ такягоҳи дар амал татбиқ намудани Барномаҳои бузурги давлатӣ тахти сарварии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад.

# МУЛОҚОТИ НОМЗАДҲО БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

17-феврали соли 2015 дар ноҳияи Тоҷикобод воҳӯрии номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаи якмандатии Рашт №12 Шукурҷон Зуҳуров бо интихобкунандагон баргузор гардид. Вохӯриро узви комиссияи ҳавзаи интихоботии Рашт № 12 Амраҷон Хуҷумборов ифтитоҳ намуда, суханро ба шахси боэътимоди номзад - Баҳодур Абдусатторов дод. Номбурда иштирокдорони маҷлисро бо шарҳи ҳол ва фаъолияти Шукурҷон Зуҳуров шинос намуд. Сипас номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаи якмандатии Рашт № 12 Шукурҷон Зуҳуров интихобкунандагонро бо Барномаи пешазинтихоботии худ шинос кард. Интихобкунандагон Сӯҳроб Ваҳҳобов, Шаҳнозаи Темур, Латиф Шарифов, Зайналобуддин Муҳадбеков ба сухан баромада, дар бораи хизматҳои беназири номзади арзанда ба миллату давлати Тоҷикистон арзи сипос намуданд ва аз интихобкунандагон даъват ба амал оварданд, ки дар рӯзи интихобот ба тарафдории ӯ овозҳо диҳанд. Худи ҳамон рӯз соати 14-00 вохӯрии дуюми Шукурҷон Зуҳуров дар ноҳияи Тоҷикобод бо интихобкунандагон дар ҷамоати деҳоти Нушор баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 500 нафар иштирок доштанд. Баъ-



ди пешниҳоди барномаи пешазинтихоботии номзад интихобкунандагон Ҳоҷиқурбон Сироҷов, Илҳом Ҳуҷумборов, Давлатмурод Баллаев ва Маҳмадалӣ Рустамов ба сухан баромада, дар бораи фаъолияти меҳнатии номзад бо далелу бурҳон ҳарф заданд ва иброз доштанд, ки интихобкунандагони ноҳияи Тоҷикобод аллакай интихоби худро ба ҳизби сиёсӣ ва номзадҳои аз ҷониби ин ҳизб пешбарӣ шуда кардаанд ва дар рӯзи интихобот ба тарафдории номзадҳои арзандаи худ овоз хоҳанд дод.

* * *

Бо наздик шудани маъракаи муҳими сиёсӣ интихобот ба порлумони мамлакат ва ҳукуматҳои маҳаллию вилоятӣ вохӯрии номзадҳо ба интихобкунандагон, муаррифии барномаи онҳо ба мардум ҳамарӯза авҷ мегиранд. Ин табиист, зеро дар интихоботи имсола ҳашт ҳизб ширкат варзида, ҳамагӣ бахри он талош мекунанд,ки намояндагонашон дар мақоми олии қонунбарор шумораи зиёди ҷойҳоро соҳиб шаванд.

Рӯзи 18-уми феврал бахшида ба ин муносибат гурӯҳи тарғиботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон меҳмони Кӯлоби бостон шуда, ба табибон, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии шаҳр мулоқот намуда, ба онҳо дар бораи моҳияти интихобот, давлату давлатдорӣ, мавқеи ҲХДТ ва барномаҳои созанда, тақдирсоз ва ободгарои он бо мисолҳои мушаххас ҳарф заданд.

Сарвари гурӯҳ Абдураҳим Холиқзода мухтасар барномаи ҳизбро ташреҳ дода, аз хизматҳои бузурги роҳбари он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сулҳофарӣ, сарҷамъ намудани миллати тоҷик, пешравиҳои бемисли Тоҷикистони имрӯза суҳбат намуд.

Ҳамзамон дар ин хусус намояндаи Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ Хоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода бо мисолҳои мушаххас аз лаҳзаҳои ҷоннисоронаи Сардори давлат дар боби истиқрори сулҳ ва пойдории давлати имрӯза аз ҳаводиси дохили кишвар ва хориҷи он ҳикоятҳои фаромӯшнашаванда карданд.

Дар вохӯриҳо узви гурӯҳи тарғиботӣ номзад ба вакили Маҷлиси намояндагон шоир Низом Қосим низ ширкат варзида таъкид дошт,ки агар шумо ҳамроҳ ва ҳаводори Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бошед, ин ҳизб дар рӯйхат дар ҷои 8-ум меистад ва онро метавонед бо ишора дар бюллетен тарафдорӣ намоед.

Ҳамчунин дар вохӯриҳо номзадҳои ҲХДТ ба вакилии Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи Кӯлоб №37, собиқ раиси шаҳр Абдуғаффор Раҳмонзода ва номзад ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи вилоят, ректори Донишгоҳи Кӯлоб Абдулло Табарзода нуктаҳои асосии барномаҳои пешазинтихоботии худро шарҳ доданд.

"МХ"

Минбари халқ
25 феврали соли 2015,
№9 (988)

Ҷавонон:

# ИНТИХОБОТРО БА МАЪРАКАИ УМУМИМИЛЛӢ ТАБДИЛ МЕДИҲЕМ

## ВОХӮРӢ БО СОҲИБКОРОН

Рӯзи 19 феврали соли ҷорӣ бо ташаббуси ТҶҶ "Созандагони Ватан" ва Дастгоҳи КИМ ҲХДТ дар ҶДММ "Бозори Султони Кабир" аксияи пешазинтихоботӣ баргузор гардид. Дар аксияи мазкур Раъно Бобоҷониён, муовини Раиси ҲХДТ, Абдулло Раҳмонзода, ҳуқуқшиноси Дастгоҳи КИМ ҲХДТ, Исфандиёр Абдураҳмонов, роҳбари ТҶҶ "Созандагони Ватан" иштирок намуданд. Нахуст бо иштироки тамоми соҳибкорону кормандони бозор мулоқоти масъулини ҳизб баргузор гардид. Қайд карда шуд, ки интихобот маъракаи муҳими сиёсӣ буда, ҳар шахсе, ки ҳуқуқи интихоб карданро дорад, бояд дар он ширкат варзад. Зеро овози ҳар як интихобкунанда ҳалкунанда буда, тақдири ояндаи миллатро муайян месозад. Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки соҳибкорӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунад. Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ низ дар бахши иқтисодиёт самтҳои амиқу амалишавандаро дар бар мегирад ва фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро таҳким мебахшад.

Сипас аз тарафи ихтиёриёни ҳизб ва намояндагони ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ҳудуди бозор ба соҳибкорону харидорон маводи таблиғотӣ ва даъват ба интихобот дастрас карда шуд.

Чунин аския рӯзи 21 феврал бо ташаббуси ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар КВД фаръии бозори "Шоҳмансур" доир шуд. Дар он роҳбари ТҶҶ "Созандагони Ватан" Исфандиёр Абдураҳмонов ва роҳбари намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Раҷабалӣ Бобохонов иштирок ва баромад карданд.



## ИҚДОМИ ФАРАҲБАХШ

Рузи 21 феврали соли равон ҷавонони ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи сокинони ноҳия ба интихобот ва огоҳ намудани онҳо барои иштирок дар рӯзи интихобот аз усулҳои кӯча ба кӯча, хона ба хона, рӯ ба рӯ ва ҳамсол ба ҳамсол истифода бурданд.

Зимни гузаронидани вохӯриҳои мазкур ҷавонон бо пирони рӯзгордида, ки айни ҳол нафақахӯранд, занҳои хонашин мулоқоту суҳбатҳо доир намуданд. Ҷавонон дар ин рӯз новобаста аз номусоидии боду ҳаво бо як ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ, ифтихор аз миллату давлатдорӣ зикр доштанд, ки мо ҷавонон, интихоботро ба маъракаи умумимиллӣ табдил медиҳем.

Дар ин рӯз ҷавонон ба ҳар хонадон ворид шуда, ба онҳо маводи таблиғотиву ташвиқотӣ тақсим намуданд. Сокинони ноҳия аз ин иқдоми ҷавонон хушҳол гардида зикр намуданд, ки "Шукронаи тинҷиву ободонӣ, ки ба ин рӯзҳои неку босаодат расидем", "Мо изҳори миннатдорӣ ба Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мекунем, ки барои миллати тоҷик сулҳу ваҳдат овардааст", "Дар рӯзи интихобот мо ба ҷонибдории ҲХДТ ва номзадҳои он овоз медиҳем".

Аз натиҷаи ин корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ маълум гардид, ки мардум аз рӯзи баргузории интихобот огоҳ ҳастанд ва аллакай мавқеи хешро муайян намудаву мехоҳанд дар рӯзи интихобот такя бо иродаи сиёсиашон ба ҷонибдории ҳизби созандаву бунёдкор райъ бидиҳанд.







## ШЕВАИ НАВИ ТАРҒИБОТ

**Бо ташаббуси ТҶҶ "Созандагони ватан" дар давраи пешазинтихоботӣ бо истифода аз технологияи муосир таҳти шиори " ҲХДТ: Ояндаро бо ҳам месозем! " зиёда аз 60 000 паёмак (смс) фиристода шуд. Инчунин 20 000 дона варақаҳои чопӣ, бо кӯмаки ихтиёриён (волонтёрҳо) дар ноҳияҳои пойтахт ва дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ паҳн гардид.**

## МАШВАРАТ БО ДОНИШҶӮЁН



Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Кумитаи иҷроияи ибтидоии ҳизбии "Дониш" ва нақшаи тасдиқнамудаи роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли равон бахши ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ДМТ тасмим гирифт, ки дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар- машварат таҳти шиори "Ояндаро бо ҳам месозем" баргузор намояд.

Чорабинии мазкур санаи 19 феврал дар бинои асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар кори он Фирдавс Абдуллоев, мудири шуъбаи ҳуқуқи Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аббосиддин Саймуддинов, сардори Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Душанбе, Исфандиёр Абдураҳмонов, роҳбари ТҶҶ "Созандагони Ватан" ва устодону донишҷӯёни ДМТ иштирок доштанд.

Сараввал А. Саймуддинов дар суханрониаш зикр намуд, ки насли имрӯзи ҷавонони кишвари соҳибистиқлоли мо танҳо тавассути илму дониш, ақлу заковат ва меҳнатдӯстӣ роҳи дурусти зиндагиро интихоб намуда, сулҳу суботи кишварро ҳифз ва ояндаи дурахшонро бо ҳам сохта метавонанд. Насли ҷавон бояд шукргузорӣ аз он намояд, ки имрӯз соҳиби давлати соҳибистиқлол ҳастем ва сарвари дилсӯзу ғамхор дорем.

Сипас Ф. Абдуллоев ба ҷавонон ҳамчун нерӯи ояндасози миллату сарзамини аҷдодӣ муроҷиат кард, ки ба ҳар гуна ҳаракатҳои ифротӣ майл накунанд.

И. Абдураҳмонов дар суханронии таъкид кард, ки Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тадбирҳои хешро бо такя ба нерӯи ҷавонон тарҳрезӣ намуда, ҷавонро ба ҳайси насли ояндасози Тоҷикистони соҳибистиқлол дар сиёсати худ ҳамқадам меҳисобад. Мавсуф аз ҷавонон хост, ки бо дарки масъулият дар назди миллат ва ҷомеаи кишвар, бо садоқат ба сиёсати созандаи роҳбарияти мамлакат, бо ҳисси баланди ватандӯстиву гиромидошти обу хоки ватани маҳбуб ва ифтихори миллӣ дар ободу зебо гардонидани кишвари азизамон бештар саҳмгузоранд ва бо фарҳангӣ баланди шаҳрвандӣ намунаи ибрат бошанд.

Пас аз он миёни меҳмонону донишҷӯён мубодилаи судманди афкор сурат гирифт.

"МХ"

# ОМОДАГИҲО БА ИНТИХОБОТ МУТАШАККИЛОНА ИДОМА ДОРАНД

Абдуманнон ДОДОЗОДА, роҳбари Дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ



**Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баргузории интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, ки санаи 1-март баргузор мешавад, чорабиниҳои мухталифро роҳандозӣ намуда, бобати дар сатҳи баланд доир гардидани ин чорабинии сиёсӣ тадбирҳои муҳим меандешанд.**

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагиро ба интихоботи дар пешистода ҳанӯз аз аввали соли 2014 шурӯъ намуда буд. Бо мақсади амалӣ намудани тавсияҳои Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо оид ба натиҷаҳои интихоботи парламентии соли 2010 дар Тоҷикистон, бо фармони Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ аз 6 январи соли 2014 ҷиҳати омода ва нашр намудани як қатор дастурамалҳо аз ҳисоби аъзо ва кормандони Комиссияи марказӣ 3 гурӯҳи корӣ ташкил карда шуд. Дар муддати кӯтоҳ ҳашт дастурамал ва як китобчаи саволу ҷавобҳо таҳия ва бо Қарорҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ аз моҳҳои май ва июл тасдиқ карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои номбурда бо теъдоди зиёд чоп карда шуд, ки онҳо барои аъзои комиссияҳои ҳавзавию участкавии интихобот ва дигар иштирокчиёни раванди интихобот раҳнамои муфид мебошанд.

Дар баробари ин, моҳҳои апрел-майи соли 2014 бо мақсади шиносоӣ бо ҷараёни омодагӣ ба интихоботи дар пешистода, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар сафари корӣ анҷом дода, бо масъулини вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ки мутасаддии баргузории интихобот муайян шудаанд, вохӯриҳо баргузор намуда, дар рафти он масъалаҳои гуногуни раванди омодагӣ ба интихобот баррасӣ карда шуданд.

Бо дар назардошти хоҳишу дархости роҳбарони як қатор шаҳру ноҳияҳо, 1-уми августи соли 2014 дар шаҳри Душанбе ва 23 августи соли 2014 дар шаҳри Қӯрғонтеппа бо иштироки роҳбарони дастгоҳҳои раисон ва мудирони шуъбаҳои ташкилӣ ва кор бо кадрҳои ноҳияҳои шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон доир ба масъалаҳои омодагӣ ба интихобот мизи мудаввар баргузор гардид.

Ҳамзамон, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва сиёсии аъзои эҳтимолии комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот, тайёр намудани онҳо барои баргузории интихобот, гурӯҳҳои корӣ моҳҳои август-октябри соли 2014 дар ҳамаи 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо аъзои эҳтимолии комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот доир ба омӯзиши мазмуну муҳтавои Қонунҳои конститутсионӣ ва Дастурамалҳои аз ҷониби Комиссия ба тасвиб расида, семинарҳои омӯзишӣ гузаронида, ба пурсишҳои сершумори иштирокчиёни семинарҳои омӯзишӣ ҷавобҳои мушаххас дода шуданд.

Бо мақсади таъмини комиссияҳои интихоботӣ бо санадҳои интихоботӣ Қонунҳо дар шакли китобча чоп карда шуда, дастраси комиссияҳои интихоботӣ гардиданд.

Моҳи ноябри соли 2014, аъзои КМИР ва кормандони масъули Дастгоҳи Комиссияи марказӣ дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои шаҳри Душанбе сафарҳои навбатии корӣ анҷом дода, бо масъулин муайян намудани шумораи умумии интихобкунандагон, шумораи участкаҳои интихоботӣ бо дарназардошти зиёдшавии аҳолӣ, тартиб додани рӯйхати саҳеҳи интихобкунандагон аз рӯи маҳалли зисти онҳо, тайёр намудани ҳайати эҳтимолии комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот баррасӣ шуданд.

Баъди бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шудани санаи баргузории интихобот бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ аз 8 декабри соли 2014 нақшаи тақвимии чорабиниҳои асосӣ доир ба омодагӣ ва баргузории интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ тасдиқ карда шуд, ки он мавриди амал қарор дорад.

Ҷиҳати ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо қарори худ дар ҳудуди ҷумҳурӣ 41 ҳавзаи якмандатии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагонро бо зикри сарҳади онҳо, макони ҷойгиршавӣ ва шумораи интихобкунандагон ташкил намуд.

Тибқи моддаи 39 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба номзадҳо, ҳизбҳои сиёсӣ барои истифодаи воситаҳои ахбори омма шароити баробар кафолат дода мешавад.

Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як ҳизби сиёсӣ то 40 дақиқа, ба ҳар номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва шахсони боэътимоди онҳо то 20 дақиқа вақт ба таври ройгон барои баромад аз тариқи яке аз шабакаҳои телевизион ва радиои давлатӣ ҷудо менамояд.

Дар ҳавзаи ягонаи умуми, ҷумҳуриявии интихобот аз ҷониби 8 ҳизби сиёсӣ рӯйхати 123 нафар номзад пешбарӣ шуда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба Комиссияи марказӣ пешниҳод карда шудаанд.

Дар 41 ҳавзаи якмандатии интихоботӣ бошад, 212 нафар ҳамчун номзад ҳуҷҷатҳои худро пешниҳод намуданд, ки 108 нафар аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ва 104 нафар ба тариқи худпешбарӣ мебошанд.

Бақайдгирии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аз 41 ҳавзаи якмандатии интихоботӣ то рӯзи 9 феврали соли 2015 идома кард.

Бо Қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ то 12 феврал соли 2015, 208 нафар нозирони байналмилалӣ аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ассамблеяи Байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Ҳамкории Шанхай, Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Сафорати Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Тоҷикистон, Сафорати Туркманистон дар Тоҷикистон ва Дафтари Шветсария оид ба ҳамкорӣ дар Душанбе аккредитатсия карда шуда, ба онҳо шаҳодатномаи дахлдори нозири байналмилалӣ супорида шуд.

Барои дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор намудани интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ низ омодагиҳо давом дорад.

Бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ панҷ ҳавзаи бисёрмандатии интихобот оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ ташкил карда шудааст.

Имрӯзҳо маъракаи ташвиқоти пешазинтихоботии ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ба вакилӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ муташаккилона идома дорад.

Комиссияҳои интихоботӣ барои дар сатҳи баланди ташкилӣ, шаффофу озод, демократӣ, мутобиқ ба талаботи қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ ва стандартҳои байналмилалӣ баргузор намудани интихоботи дар пешистода омода мебошанд.

## ФАЗОИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ ДАР ДОНИШКАДАИ ВАРЗИШ




Участкаи интихоботии №41 оид ба интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Исмоили Сомонӣ №2 дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов ҷойгир шудааст.

Бино ба иттилои раиси комиссияи участкаи интихоботӣ ректори донишкада, профессор Шодӣ Сафаров binои участка тибқи дастуруламали интихоботӣ бо маводи зарурӣ таҷҳизонида шуда, ба ин маъракаи муҳими сиёсии дар пешистода омода аст. Рӯз ва ҷойи овоздиҳӣ тариқи хабарномаҳо ба 2940 нафар интихобкунанда маълум карда шудааст. Барои гузаронидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ раёсати донишкада мудирони кафедраҳо, муаллимони кафедраи ҷомеашиносӣ ва намояндагони ташкилоти ҷамъиятиро сафарбар намудааст. Зиёда аз 2 ҳазор донишҷӯ ва устодон барои гузаронидани маъракаҳои оммавӣ (аксия) ва паҳн намудани маводи тарғиботӣ дар ҳудуди участкаи интихоботӣ ва шаҳри Душанбе сафарбар шудаанд.

**Т. Рӯзиев**

## МУАРРИФИИ НАШРИ МАХСУСИ «ЭЛИТА»

23 феврали соли равон дар толори Ситоди марказии пешазинтихобии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муаррифии нашри махсуси маҷаллаи "Элита" баргузор гардид. Шумораи муштараки маҷалла бахшида ба интихоботи парлумонии моҳи марти соли 2015 дар ҳамкорӣ бо Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳия ва нашр гардидааст. Дар маросими муаррифӣ намояндагони ВАО-и кишвар, сардабири маҷаллаи "Элита" ва кормандони Ситоди марказии пешазинтихоботии ҲХДТ иштирок доштанд.

Зикр гардид, ки аз саҳифаҳои нашри махсуси маҷалла хонандагон метавонанд аз ҳаёти ҳизб ва самтҳои асосии дурнамои стратегияи гуногунҷабҳаи он, инчунин бо шарҳи ҳол ва барномаҳои интихоботии вакилон аз ҲХДТ шинос шаванд. Имрӯз аз 27 номзади ҲХДТ дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва 40 номзади ҳизб дар ҳавзаҳои якмандата 1 нафар академик, 8 доктор, 16 номзади илм, 17 иқтисодчӣ, 19 ҳуқуқшинос, 25 олими соҳаҳои мухталиф ҳастанд, ки аз ин шумораи умумӣ 17 нафари онҳоро занон ташкил дода, ҷавонтарин номзад аз ҲХДТ 28-сола мебошад. Муассис ва сардабири маҷаллаи "Элита" Далер Ғуфронов зикр намуд, ки дар омодасозии нашри махсуси он саҳми мушовирони лоиҳаи муштарак, махсусан Муовини якуми Раиси ҲХДТ Саидмурод Фаттоҳзода зиёд аст.

Маҷалла бо теъдоди 5000 нусха дар Ҷумҳурии Туркия бо сифати аълои матбуотӣ ба табъ расидааст.

**Азамат Дӯстов**



Минбари халқ
25 феврали соли 2015,
№9 (988)

# ОЯНДАБИНӢ БА ХОТИРИ ОЯНДАСОЗӢ

**Таҳлили вазъи сиёсии давлатҳои муқтадир ва услуби муваффақонаи давлатдории онҳо дар замони муосир бозгӯи он аст, ки дар арсаи таърих ва сатҳи сиёсати дохиливу хориҷӣ ҳамон гурӯҳҳо ва аҳзоби сиёсие ҳокимиятро тавонмандона ва устувору бардавом метавонанд идора ва ҳифз кунанд, ки фазои эътимоду боовариро дар миёни аҳли ҷомеа ва давлати ташкилкардаи худ ба вуҷуд овардаанд.**

**Б**ОВАРИИ аҳли ҷомеаро метавон бо ду тарз ба даст овард: муваққатӣ ва бардавом. Ба тарзи муваққатӣ ба даст овардани бовариву эътиқоди мардум аслан чандон мушкилоте надорад. Дастрасӣ ба маъхазҳои иттилоотӣ, омӯзиши мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ, огоҳӣ ёфтан аз дардҳои ҷомеа, муайян кардани нуқтаҳои заифи фаъолияти рақиб, донистани ниёзҳо ва хостаҳои мардум, ташкили дастгоҳи тарғиботиву ташвиқотӣ, бозгӯи ниёзҳову хостаҳои табақаҳои эҳтиёҷманд, истифода аз санъати суханварӣ ва сӯиистифода аз бовар ва эҳсосоти мардум василаҳоеянд, ки баъзе ҳизбҳову гурӯҳҳои сиёсӣ ва намояндагонашон мавриди корбурд қарор дода, таваҷҷуҳи қишрҳои аз лиҳози равонӣ таъсирпазири ҷомеаро ба сӯи худ мекашанд. Худро чун мушкилкушо ва ҳомии манфиатҳои мардум вонамуд карда, ислоҳи нуқсонҳои ҷомеа ва беҳдошти зиндагии мардумро ваъда медиҳанд. Баъзан чунин аҳзоби сиёсӣ метавонанд бовариву эътимоди табақаҳои муайяни ҷомеаро ба даст оранд. Аммо бояд донист, ки арзиши корро натиҷаи кор муайян мекунад. Он гурӯҳ ва ҳизби сиёсие, ки вақти худро бо танқиди рақибу таҳияи ваъдаҳои зебову фиребо зоеъ мекунад, ҳаргиз наметавонад шоистаи эътимоди бардавоми мардум бошад.

Воқеияти зиндагӣ аз мо кори воқеиро тақозо дорад. Ҳадафҳо ва ваъдаҳо бояд воқеӣ бошанд ва татбиқ шаванд. Танҳо дар ҳамин сурат ҳизби сиёсӣ метавонад эътимоди бардавоми мардумро ба даст орад. ҲХДТ бо ҳадафҳои созандаи хеш, ки марҳила ба марҳила татбиқ мешаванд, ҳизбест, ки мардуми кишвар аз ҳама бештар ба он эътимод доранд.

ҲХДТ нерӯи муқтадири сиёсиест, ки бунёд ва такягоҳи муътамаду қавии зеҳнию маънавиро дорост. Аз лиҳози сарҷамъ кардани нерӯҳои зеҳниву маънавии ҷомеа ва фарогирии ҷуғрофию иҷтимоӣ нерӯи ҳеҷ кадом ҳизби сиёсии кишварро наметавон бо ҲХДТ қобили қиёс донист. Дар самти пешбурди сиёсати дохиливу хориҷӣ ва тавонмандии ҳифзи манофеи милливу давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ бо дарназардошти раванди тезутунди глобализатсия низ ҲХДТ дар истинод ба кору пайкори созандаи пешвои муаззами хеш суннатҳои волои давлатдории ниёгони барӯманди моро эҳё карда таҷрибаи бесобиқае андӯхтааст, ки ин гуна методологияи ҳифзи қудрати сиёсиро ба хотири таҳкими истиқлолияти кишвар ҳеҷ кадом ҳизби дигари сиёсии ҷомеаи имрӯзи мо дар ихтиёр надорад.

ҲХДТ ҳанӯз аз даврони таъсисёбии худ ҳизби мардумӣ буд ва ҳадафҳою манофеи мардумро ироа ва ҳимоя мекард. Тӯли солҳои 90-уми асри гузашта бо тафовут аз дигар аҳзоби сиёсии кишвар, ки ба хотири ба даст овардани қудрати сиёсӣ арзишҳои волои милливу давлатиро сарфи назар карда, бо тафриқаангезӣ ҷомеаро пароканда намуданд ва хатари аз байн бурдани давлати тозаистиқлоли миллиро ба миён оварданд, ҲХДТ ягона ҳизбе буд, ки омил ва кафили ваҳдати милливу истиқрори сулҳ дар ҷомеаи мо гардид ва давлати соҳибистиқлоли миллӣ, яъне арзишмандтарин дастоварди миллатро дар тӯли ҳазорсолаи охир ҳифз карда таҳким бахшид. Ин бузургтарин хидмати ҲХДТ ва пешвои муаззами он барои миллати тоҷик буд. Таърихи давлатдории мо ҳамеша ин корномаи беназири қаҳрамони барӯманди худро дар ёд хоҳад дошт.

Маълум аст, ки ҳадафи тамоми ҳизбҳои сиёсӣ ба даст овардани ҳокимият аст, аммо ҳизбҳои сиёсӣ ва роҳбарияту аъзои он ҳамчун ифодагар ва ҳомии манофеи қишрҳои муайяни ҷомеа дар мавриди ворид шудан ба майдони мубоизаи сиёсӣ набояд ба даст овардани ҳокимиятро ҳамчун ҳадафи асосиву ниҳоӣ ва олитарин дониста ҳадафҳо ва арзишҳои умумиҷамъиятӣ ва умумимиллиро сарфи назар кунанд ва зери хатар гузоранд. Ба арзишҳои бунёдии миллату давлат, хоса истиқлолияти сиёсӣ ва ҳифзу таҳкими он бояд намояндагони тамоми табақаҳои ҷомеа ва махсусан пешвоёни аҳзоби сиёсӣ ва пайравони онҳо эҳтироми содиқона дошта бошанд.

Дарки ин масъала ба сатҳи ватандӯстиву худогоҳии миллӣ ва садоқати роҳбарияти ҳизбҳои сиёсиву аъзои он нисбат ба арзишҳои миллӣ ва муқаддасоти давлатӣ иртиботи мустақим ва ногусастанӣ дорад. Дар ҷомеае, ки маърифати сиёсии намояндагони аҳзоби сиёсии он то ба ин сатҳ рушд накардааст, ҳамеша хатари ба вуҷуд омадани ташаннуҷ ва инқилобҳову табаддулотҳои бунёдсӯз боқӣ хоҳад монд. Ин гуна аҳзоби сиёсӣ ва намояндагони он бо иддаои ҳифзи манфиатҳои умумиҷамъиятӣ фақат дар фикри манфиатҳои гурӯҳиву шахсии худ мебошанд ва дар мавриди эътимоду дастгирии аксариятро дар дохили кишвар ба даст наоварда метавонанд, дар хориҷ такягоҳи сиёсӣ ҷустуҷӯ кунанд ва ба осонӣ бозичаи дасти нерӯҳои манфиатҷӯи байналмилалӣ шуда, манофеи миллиро зери хатар гузоранд. Ҷанги шаҳрвандӣ дар ҶТ ва фаъолияти баъзе ҳизбҳову гурӯҳҳои сиёсии собиқу имрӯзи кишвар бозгӯи воқеияти ин ҳол аст. Дар воқеъ, омили асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ба он рабт дошт, ки миллати мо дар аввалин солҳои ба даст овардани истиқлолият на дар сатҳи элитаи сиёсӣ ва на дар сатҳи мардум то ҷӣ андоза арзишманд будани давлатдории миллӣ ва истиқлолияти сиёсиро дарк накарда буд. Имрӯз низ, мутаассифона, на ҳама гурӯҳҳою ҳизбҳои сиёсӣ ва пешвоёну намояндагонашон волоияти ин арзиши бебаҳоро дарк кардаанд. Дар он даврони барои миллат пурхатар ва бунёдсӯз ягона нерӯи сиёсие, ки пешво ва аъзои он ба хотири ҳифзи манфиатҳои милливу бақои давлат ва ваҳдати аҳли ҷомеа нигоҳи ояндабин дошту талошҳои созандаи меҳанпарастона мекард, ҲХДТ буд. Имрӯз низ ҳадафҳои ҲХДТ ҳадафҳои созандаву бунёдкоронаест, ки ба ҳифзи манфиати тамоми қишрҳои ҷомеаи кишвар нигаронида шудааст. ҲХДТ аслан ҳадафҳои гурӯҳӣ надорад, ҳадафҳои он умумимиллӣ ва умумидавлатист. Сабаби асосии маъруфият ва маҳбубияти ҲХДТ ва пешвои он низ маҳз дар ҳамин аст. Хидмате, ки ҲХДТ бо иршоди пешвои худ барои миллати тоҷик ва ҳифзу таҳкими истиқлолияти сиёсиву давлатдории он анҷом дод, воқеан ҳам сарнавиштсоз ва хеле арзишманд аст. Фаъолияти ҲХДТ барои бақои имрӯзу ояндаи миллат ҷойгоҳу пойгоҳи устувору мондагоре эҷод намуд.

Дастоварди дигари бисёр арзишманди миллати мо дар даврони истиқлолият эҳёи мактаби давлатдорӣ ва методологияи ҳифзи қудрати сиёсист, ки ба василаи Сарвари кишвар ва дар заминаи саъйу талошу ҷуръати беандозаи сиёсиашон ба вуҷуд оварда шуд. Мактаби давлатдории пешвои ҲХДТ нахустин мактаби давлатдории муваффақи миллат аст, ки баъд аз ҳазор соли бедавлатӣ ҳофизаи маҳвшудаи сиёсӣ ва давлатдории мардуми тоҷикро дигарбора бо ҷилову ҷилваи тоза эҳё кард.

Таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини амну суботи сиёсӣ аз дастовардҳои дигари бисёр муҳимест, ки дар алоқамандӣ ба он заминаи рушди устувори иқтисодии кишвар ва беҳдошти рӯзафзуни иҷтимоии аҳолӣ гузошта шуд.

Дар истинод ба раванди тадриҷии саноатикунонӣ ва афзоиши нерӯи истеҳсоливу тавлидотии кишвар, рушди босуботи соҳаҳои иқтисодиёт, таҳаввулоти соҳаи маориф, таваҷҷуҳ ба тарбияи нерӯҳои зеҳнии ҷомеа, суръати бунёдкориву созандагиҳо, болоравии сатҳи таъминоти иҷтимоии мардум ва дигар нишондиҳандаҳои марбута метавон бо итминони комил гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай ба як кишвари рӯ ба тараққӣ мубаддал шудааст.

Даъват ва дархосту таъкиди ҷиддии Сарвари кишвар, ки дар Анҷумани XII ҲХДТ садо дода буд, орову аъмол ва фаъолияти содиқонаву ватанпарваронаи ҳар як узви ҳизбро ҳамчун фарзанди сарсупурдаи миллат тақозо мекунад. Сарвари кишвар аз ҳар як узви ҳизб тақозо доштанд, ки ҳини анҷом додани масъулиятҳову вазифаҳои хидматии худ ҳамчун корманди сохторҳову мақомоти давлатӣ ҳатман бо дарназардошти волоияти қонун, бузургдошти муқаддасоти давлативу арзишҳои миллӣ фаъолият карда, бо мардум муносибати шоиста ва иртиботи доимиву наздик дошта бошанд.

Воқеан ҳам, омили маҳбубияти ҳизби сиёсӣ дар байни омма ба дасту дилу нияти пок доштани аъзои он марбут аст. Имрӯз ҲХДТ аз лиҳози иҷтимоиву сиёсӣ ва ҷуғрофӣ фарогиртарину тавонмандтарин ва маҳбубтарину маъруфтарин нерӯи сиёсии кишвар аст.

Айни замон дар кишвари мо баргузории интихобот ва интихоби вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот дар мадди назар аст.

Нисбат ба ин чорабинии муҳими сиёсӣ, интихоби вакилони арзанда ва тамоили сиёсии онҳо таваҷҷуҳ доштани мо амри бисёр зарурист. Таваҷҷуҳи мо ба ин масъала маънои онро дорад, ки мо нисбат ба имрӯзу фардои кишвар ва чигунагии вазъи ояндаи рӯзгори худ бетафовут нестем. Ҷомеаи мо ҷомеаи қонунсолор аст, аз ин рӯ тамоми равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар заминаи муқарраротти қонунгузорӣ ҷараён мегиранд. Ҳеҷ раванде бидуни таҳияи заминаи ҳуқуқии хеш наметавонад мавриди амал қарор гирад. Аз ин рӯ ҷойгоҳ ва мавқеи мақомоти қонунгузор дар кишвари мо хеле муътабар аст, чунки ин сохтор бо эҷод ва қабули қонунҳои дахлдор таҳкурсии фаъолияти шохаҳои дигари мақомоти давлатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиву истеҳсолиро тарҳрезӣ ва таҳия мекунад, яъне то чи андоза дуруст ва устувор тарҳрезиву таҳия шудани пойдевори рушди ояндаи кишвар ва беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ бевосита ба фаъолияти мақомоти қонунгузор ва сатҳи маърифату худогоҳии вакилони интихобкардаи мо вобаста аст. Бинобар ин ҳар як шаҳрванди ҷомеаи мо, ки рушди минбаъдаи давлат ва зиндагии шоистаи афроди миллатро хостор аст, бояд нисбат ба ин чорабинии муҳим ваояндасози сиёсӣ бо камоли масъулият муносибат намояд.

Боиси хушнудист, ки чанде қабл дар саҳифаҳои ҳафтаномаи "Минбари халқ" аз ҷониби муовини аввали Раиси ҲХДТ муҳтарам С. Фаттоҳзода доир ба масъалаҳои интихобот, масъулияти шаҳрвандии афроди ҷомеа дар мавриди интихоби намояндагони мардумӣ ва ояндабинӣ ба хотириояндасозӣ мақолаи пурарзише интишор ёфт, ки метавонад барои интихоби оқилона ва тасмимгирии ҳадафмандонаи овоздиҳандагон муассир ва муфид бошад.

Ҳамзамон муассир ва муфид мебуд, агар ин мақола ҳангоми пешбурди корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ дар арафаи интихобот аз ҷониби ҳайати кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҳамчун дастурамал мавриди истифода қарор мегирифт, зеро аснод ва маълумоте, ки дар он истифода шудаанд, муътамад ва мутақоидкунанда аст.

Аз ҷониби муаллифи мақола матраҳ кардани ин масъалаҳо ва идома додани тавзеҳи фаъолияти густурдаи ҲХДТ дар самтҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсии кишвар доираи васеи хонандагон ва махсусан аъзои ҳизбро аз лиҳози иттилоотӣ мусаллаҳ карда, ба иштирок ва раъйдиҳии огоҳонаи овоздиҳандагон дар маъракаи интихобот метавонад мусоидат намояд.



**Назрӣ Асадзода,**
**мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҳисор**

# ИНТИХОБОТ САҲНАИ ТАБЛИҒ АСТ, НА ТАҲРИФ

## ва ё чаро кӯри худу бинои дигаронем?

Ҳар қадар рӯзи интихобот наздик мерасад, ҳамон андоза аҳзоби сиёсӣ фаъолтар мешаванд. Кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки қусури хомӯшии тӯлонии давраи байниинтихоботиро ҷуброн кунанд. Дар мулоқоту дебатҳо роҳбарон ё намояндагони ин аҳзоб камтар дар бораи барномаи пешазинтихоботиашон ҳарф мезананду бештар дар бораи ин ки гӯё ҳуқуқҳои онҳо пайваста поймол мешавад. Сабабаш маълум аст, баъзеашон ҳатто барномаи мукаммале ҳам надоранд ва ё дошта бошанд ҳам, он бештар ба мактуби шикоятӣ шабоҳат дорад. Ҳатто баъзан ба хотири ҷалб намудани таваҷҷуҳи интихобкунандагон аз принсипҳои сиёсии ҳизбашон низ даст мекашанд. Фаразан Муҳиддин Кабирӣ, ки ҳадафи аслии ҳизбаш бидуни шаку тардид бунёди ҷомеаи исломӣ аст, бештар дар бораи аз сохти давлати дунявӣ ҷонибдор буданаш ҳарф занад, баръакс Абдуҳалим Ғаффорови сотсиалист мехоҳад электорати сиёсиро бо тафсири оятҳои Қуръону ҳадисҳои Пайғамбар (с), ки шояд чанд рӯз қабл аз ёд намудааст, мафтун созад. Як гуна фатвои дунявӣ.

Маълум, ки Муҳиддин Кабирӣ таблиғи арзишҳои демократӣ ва сохти дунявии давлатдориро бо луқмаи хориҷиёни "хайрхоҳ" пиёда месозад. Ин тактикаи санҷидашуда аст, ки хориҷиён борҳо дар кишварҳои мавриди ҳадафашон истифода намудаанд. Мо назири ин тактикаро дар Либия, Ироқ, Украина дидем, ки зери шиорҳои озодиву демократия чӣ гуна ифротгароёни исломӣ ва миллатгароёни фашистӣ сари қудрат омаданд. Вале аҷиб ин аст, ки ҲНИТ дар ин раҳ ҳатто аз истифодаи шиорҳои ҳизби рақиб низ парҳез намекунад ва шиори "Ояндаро бо ҳам месозем"-и ҲХДТ-ро бетакаллуфона дар варақаҳои таблиғотии худ мавриди истифода қарор додааст. Чаро не? Тавре ки дар кишварҳои "демократӣ" қабул аст, дар мубориза ҳамаи усулҳо хубанд.




Раҳматилло Зоиров бошад, мисли ҳамеша бо изҳороти аҷибу ғариби худ ҳамагонро ба "водӣ"-и ҳайрат меафканад. Ӯ дар ин ҷода ҳеҷ намехоҳад ки парчами "ғолибият"-ро ба дасти дигаре супорад. Пӯшида нест, ки ин "таҳримгар"-и шинохта то ба ҳадде сиёсату ҳуқуқро ба ҳам омехта намудааст, ки гоҳо ҷонибдорони худаш ҳам раҳгум мезананд, ки ӯ аслан сиёсатмадор аст ё ҳуқуқшинос. Қазияи Шуҳрат Қудратовро ба хотири ба даст овардани "имиҷ"-и сиёсӣ дар интихобот истифода мекунад ва ё маъракаи интихоботро ба хотири "халос" кардани Шуҳрат?

Чанд рӯз қабл барномаи пешазинтихоботии ҲСДТ ба дастам афтод. Барномаро аз назар гузаронидаму, бори дигар хулоса кардам, ки Раҳматилло Зоиров ҳанӯз ҳам дар "амплуа"-и худ қарор дорад. Ӯ дар варақаи таблиғотии худ аз интихобкунандагон ба таври аҷиб даъват ба амал меорад. Матни даъват пур аз иштибоҳи имлоиву мантиқист. Фаразан таваҷҷуҳ кунед: "Мо-сотсиал-демократҳо бо дарки масъулият дар назди насли имрӯз ва фардо, рисолати худро дар ин мебинем, ки ба шумо интихобкунандагони кишвар муроҷиат намуда, Шуморо ба дарк ва ҷонибдории мо - ҲСДТ - барои ҳалли масъалаҳои тақдирсози фаъолияти парламентии кишвар, овоз диҳед!(?)". Баъд аз қироати ин матни бесару нӯг, ки тамоми қоидаҳои сарфу наҳвро поймол кардааст, шубҳае дар дилам роҳ ёфт. Агар аъзои ин ҳизб аз оддитарин қоидаи имлои забони тоҷикӣ, ки ҳар як мактабхон медонад, бехабар бошанд, пас чӣ гуна даъвои курсии вакилӣ доранд? Наход дар байни аъзои ҳизб як нафар босавод пайдо нашуд, ки ин иштибоҳи дағалро дар матни таблиғотӣ ислоҳ кунад. Ё шояд ин зодаи "Осиёи Миёна", (Раҳматилло Зойиров худро дар варақа чунин муаррифӣ намудааст) аслан ба забони давлатӣ арҷ гузоштанро муҳим намешуморад?

Ё ин ки поёнтари ҳамин матн, омадааст "Бовар кунед, вориди шудани (?) ҲСДТ ба парламент ба хотири дар кишвари азизамон ҷорӣ намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқии мусолиҳатомез (?) ва боадолатона, зеро ҲСДТ-ҳизби Хирад, Адолат ва Тараққиёт аст!"

Забоншиносон минбаъд дар таҳлили ин ду ҷумла маҷбуранд, ки таърифи нав ихтироъ кунанд: "ҷумлаи номуайяни мураккаби дутаркибаи бехабари бемантиқи…."

Ҷои дигар омадааст: "Агар мо ҳамбаста (?) дар овоздиҳӣ бошем, дар фаъолиятамон низ ҳамбаста (?) хоҳем буд! Ваъдаи мо холӣ нест! (?)". Комилан нофаҳмост, ки зери истилоҳи "ҳамбаста" чӣ амал мавриди назар аст. Шояд "ҳамрайъӣ" бошад? Ваъда низ ба сари худ холӣ ё пур намешавад. Ин ҷо саҳеҳтараш бояд "Мо ҳаргиз ваъдаи дурӯғ (ё иҷронашаванда) намедиҳем" менавиштанд, ки ин он қадар ҳам донишу заҳмати зиёдро талаб намекунад.

Гузашта аз ин, дар варақаи мазкур бо як иддаои баҳснопазир омадааст: "Мо мардем! Ба ҲСДТ овоз диҳед….". Мояи ҳайрат аст, ки як ҳизби тӯли чандин сол дар фазои сиёсии як кишвар фаъолият дошта, то сатҳи кӯчабозорӣ паст фаромада даъвои мардиву номардӣ мекунад.

Пирӯзӣ дар интихобот аз барнома, тактикаву тасмимгириҳои ҳизби сиёсӣ, пешниҳоди шахсони арзандаву шинохтаи он вобаста аст. Агар як ҳизби сиёсӣ дар ин ҷода муваффақ шуд, ба дили мардум роҳ меёбад ва дигар ҳоҷат ба бечораноливу шикоят нахоҳад монд. Агар не, пас маҷбур мешавад, ки баъд аз ҷамъбасти интихобот бо даъвоҳои "тақаллубкорӣ буд" худро аз беобрӯиву хиҷолат берун кашида, бо ҳамин васила фаъолияти заифи худро ҷуброн кунад.

**Мақсуд Шоев**

Ду хабар

### САФИ ҲИЗБИЁНИ ДАРВОЗ АФЗУД

Ҳамчуноне раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТдар ноҳияи Дарвоз Ҷумъахон Хонов телефонӣ иттилоъ дод, дар ҷаласаи навбатии кумитаи иҷроияи ҳизбии ноҳия баробари баррасии масъалаҳои дигар 91 нафар сокинони ноҳия, ки бо ариза ба ташкилотҳои ҳизбӣ барои шомил шудан ба сафи ҲХДТ муроҷиат намуда буданд, баъди шиносоӣ бо Оиннома ва Барномаи ҳизб ва барои қабул шудани ҳар яки онҳо ба сафи ҲХДТ аз ҷониби масъулини ташкилотҳои ҳизбӣ ҳуҷҷатҳои лозимӣ пешниҳод гардидаанд, дар лаҳзаи тантанавӣ билетҳои ҳизбӣ супорида шуданд. Дар чорабинӣ зикр гардид, ки шомил шудан ба сафи ҲХДТ чун неруи пешбарандаи ҷомеаи навини кишвар масъулияти ҳар кадоми моро дучанд намуда, муваззаф ҳастем, ки минбаъд бо нерӯи дучанд бахри шукуфоии диёр саҳми сазовор дошта бошем. Мавриди зикр аст, ки аз шумори умумии аъзои нави ҳизб 46 нафарро занон ташкил медиҳанд.

**М. Маҳмудов**

### НОМЗАДҲОИ ҲХДТ ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА ФАЪОЛАНД

Дар шаҳри Турсунзода омодагиҳо ба баргузории интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоатҳои деҳот идома дорад.

Тавре Муистон Азизова, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода иттилоъ дод, дар асоси конференсияи ҲХДТ аз 10 январи соли равон дар шаҳри Турсунзода аз ҲХДТ 40 нафар номзадҳо ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Турсунзода пешниҳод гардида буданд ва аз ин миён ду нафарашон номзадии худро бозпас гирифтанд. Номзадҳои боқимонда корҳои таблиғотию ташвиқотии худро идома дода истодаанд.

Номбурда афзуд, ки дар шаҳри Турсунзода 76 ҳавзаи интихоботӣ таъсис дода шудааст, ки номзадҳои мо то имрӯз дар 40 ҳавзаи интихоботӣ бо интихобкунандагон суҳбату вохӯрҳо анҷом додаанд ва чунин суҳбату вохӯриҳо то рӯзи 27феврали соли равон идома хоҳад кард. Ҳамаи номзадҳо варақаҳои таблиғотии худро доранд, ки бо тарҷумаи ҳолашон ба интихобкунандагон пешниҳод кардаанд ва ба ҳавзаҳои интихоботӣ низ супоридаанд. Аз ҷониби КИ ҲХДТ дар шаҳри Турсунзода зиёда аз 15 намуди маводи таблиғотӣ, аз ҷумла, плакатҳо, тақвимҳои кисагӣ ва деворӣ дар маҷмӯъ зиёда аз 52 ҳазор варақаҳои таблиғотӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дастраси тамоми қишрҳои аҳолии шаҳри Турсунзода гардонида шудааст.

Бино ба қавли Мӯистон Азизова, дар шаҳри Турсунзода чор ситоди интихоботии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ҳайати 31 нафар фаъолияти худро ба роҳ монданд. Ба гуфтаи ӯ, ба ҳайати ситоди мазкур занону ҷавонони фаъол, собиқадорон ва адибони шаҳри Турсунзода шомил шуда, фаъолияти худро дар сатҳи баланди сиёсӣ ба роҳ мондаанд.

**Наргис Ибодуллозода,**
**донишҷӯи ДМТ**

# ҶАРО ДАЪВОИ "ДЕМОКРАТИЯИ ДИН" БОТИЛ АСТ?

## БО СЕ ДАЛЕЛ ДИН НАМЕТАВОНАД ПОЯИ ДЕМОКРАТИЯ БОШАД

Аввал ин ки нақши дин эҷоди демократия нест. Ҳеҷ дине вуҷуд надорад, ки рисолати худро эҷоди демократия эълон карда бошад. Оё касе динеро мешиносад, ки паёмбараш ваъдаи ҷорӣ кардани демократияро ба пайравонаш дода бошад? Агар чунин нест, бо такя бар ин усул баҳси дин ва демократия, аниқтараш Ислом ва демократия, ки ин ҳама китоб ва мақолаҳо роҷеъ ба ин баҳс навишта мешаванд, усулан маънӣ надорад.

Яъне баҳсе ҳаст бидуни маънӣ ва орӣ аз мавзуъ.

Баҳси ҷанбаӣ дар иртибот бо дин, баҳси масъалаи таззод ё ҳамсонии ислом бо демократия аст. Ин баҳс ҳам ба ҷое намерасад, чун натиҷаи баҳс ба таърифи худи Ислом вобаста карда шудааст. Агар "Қуръон", суннати Паёмбар, ҳукумати Мадина ва таърихи Исломро бигирем, аз дили ҳеҷ кадоме аз инҳо на демократия берун меояд ва на мутобиқати Ислом бо демократия. Бархе аз ҳаводорони демократияи динӣ асли Шӯроро пеш меоранд. На Шӯрои замони паёмбар, ки аз башоратдиҳандагон иборат буд ва на шӯроҳои баъдинаи исломӣ кӯчактарин рабте ба парламентаризми демократӣ надоранд. Ба ҳамин далели содда, ки парламентаризми демократӣ қонунгузор мебошад, Шӯрои муҳаммадӣ дар беҳтарин намудаш машваратӣ буд.




Дуввум ин ки асоси дин бар эътиқод вобаста аст, демократия бошад, бар қарордод. Робитаи дин робитаи амудӣ (перпендикулярӣ) аст, яъне робитаи фард бо мавҷуди офаридагор. Дар ҳоле ки робитаи демократӣ робитае аст уфуқӣ (горизонталӣ). Яъне робитаи инсон бо инсон. Ё бо истилоҳи дақиқтари роиҷ ва илмии имрӯза, робитаи шаҳрванд бо шаҳрванд. Ин тафовути баръалои байни равобит аз ҳавзаи динҳо ҳам болотар рафта, асоси баҳси байни Афлотун ва Арасту низ ҳаст.

Саввум ин ки воҳиди дин муъмин аст ва воҳиди демократия шаҳрванд. Дин шаҳрвандро намешиносад. Муъминон уммати динанд. Шаҳрвандон аз ҳуқуқҳо бархурдоранд ва муъминон аз онҳо маҳрум.

Беҳтарин ва соддатарин ҷилваи ин ихтилоф дар наққошии маъруфи Рафаэл аз фалсафа инъикос шудааст. Он ҷо мебинем, ки Афлотун китоберо ба таври амудӣ дар даст гирифта ва дасти дигарашро боло бурдааст ва бо ангушт чизеро дар осмон нишон медиҳад. Ин чиз ҳамон масали маъруфи афлотунӣ аст. Яъне ҷомеаи башарӣ бояд худро бо усуле, ки дар ҷое болотар аз ӯст, бипайвандад.

Арасту дар акс китоберо уфуқӣ дар даст гирифта ва дасти дигарро низ уфуқӣ дароз кардааст ва бе он ки бо ангушт бихоҳад чизеро нишон диҳад, мегӯяд, ки берун аз ҷамъияти башарӣ ҳаммисли онҳо вуҷуд надорад ва инсонҳо бояд худ ҳаммонандашонро бисозанд. Ба иборати дигар бояд инсон қонуни дилхоҳи худро қабул кунад, на Худо! Ин маънои наққошии Рафаел аст.

Ин асоси тафовути моҳияти дин ва демократия низ ҳаст. Натиҷаи мантиқии ин фарзия он аст, ки ақида ва қарордодро наметавон дар баробари якдигар қарор дод. Барои он ки мо қарордоди демократиро бубандем, ниёзе ба эътиқоди динӣ ё дигар эътиқоде нест. Аммо ҳар як шахси эътиқоддор метавонад ба қарордоди демократӣ бипайвандад.

Аз ин рӯст, ки ҳудуди демократӣ аз ҳудуди динӣ густурдатар аст. Ҳудуди густурдаи демократия ҳам рӯшанфикрони исломӣ ва ҳам ҳокимони кишварҳои исломиро, ки ҳар ду аз "мардумсолории динӣ" сухан мегӯянд, барангехтааст то ба ишғоли он ҳудуд бикӯшанд.

Ин ҷо агар идомаи баҳсро ба адёни иброҳимӣ маҳдуд кунем, бояд бигӯем, ки ҳеҷ кадоме аз ин динҳо зояндаи демократия нестанд. На Мӯсо, на Исо ва на Муҳаммад, ҳеҷ кадоме ваъдаи демократия надодаанд, аммо ҳоло бархеҳо мехоҳанд демократияи исломӣ барпо кунанд. Яҳудиён ва масеҳиён чунин иддао надоранд. Ҷараёни демократӣ ва Протестантизм дар Аврупо ҷудо аз ҳам амал карда, ренессанс (эҳё) карданд. Яъне динро канор гузоштанд ва ба асли демократияи Юнони бостон рӯй оварданд. Мавҷи секуляризм он қадар боло гирифт, ки масеҳият ночор шуд таслим шавад ва барои боқӣ мондани худ бо ин мавҷ ҳамроҳ шуд.

Аз ин гузашта дар даруни масеҳият мафҳумҳое нуҳуфта буданд, ки реформатсияро ёрӣ доданд. Ду асл, яке теорияи маъруф ба "санавияти сиёсӣ" (дуализм) ё "ду шамшер". Масеҳ гуфт: Он чӣ аз они Қайсар аст, ба ӯ деҳ ва он чи аз они Худост, ба Худо!

Асли дуввум: Асли таслият (дилбардорӣ кардан) аст. Худо бо се руҳия, на он Худои қаҳҳори яҳудӣ, на он Худои Қуръон бо сурати "ҷаббор ва раҳим ва маккор" аз ӯ ёд нашудааст. Ин буд, ки байни асли таслияти масеҳӣ ва "таслияти сиёсӣ" (сегонагӣ) бархурдҳо ба вуҷуд наомад. Балки ваҳдоният (ягонагӣ)-и себуъдии масеҳӣ бо ваҳдонияти сегонаи сиёсӣ созгор шуд. Яъне ҳукумати иҷроия ва ҳукумати додгоҳӣ бо ҳам, вале айни замон ҷудо аз ҳам. Ин гуна ҳамёриҳои мафҳумӣ дар ислом вуҷуд надорад. Ва кори мутобиқати Ислом ба демократияро натанҳо мушкил, балки амри маҳол месозад.

Аз мусулмонӣ демократия барнамехезад, вале дар демократия шаҳрванди озод метавонад мусулмон ҳам бошад. Бинобар ин, агар ҳадафи навандешони исломӣ пайвастан ба демократия аст, инҳо бояд нуқтаи ҳаракати назариявии худро ба сӯи шаҳрвандӣ тағйир диҳанд. Вале онҳо наметавонанд демократияро он қадар таҳриф кунанд ва бичархонанд, ки демократия ба чанд ривоят ба шеъри Ҳофизу Мавлоно ба колбуди дигаргуншудаи ислом часпонида шавад.

**Меҳдии Музаффарӣ, раиси Маркази мутолиоти исломгароӣ ва ифротгароӣ, Донишгоҳи Орхуси Дания**

# ОЗОДИИ ДИЁНАТ ДАР ИСЛОМ

**Мафҳуми озодӣ калимае аст дар каломи мардум, дар луғат баробар бо ҳуррият шакли пурранге ҷой гирифтааст, бо таваҷҷуҳ ба моҳияти исломӣ бояд мафҳуми озодиро бо меъёрҳои дин татбиқ дода, назари Исломро дар мавриди ин гуфтор ҷӯё шуд. Озодӣ, ба иллати равона намудан дар ду бори мусбат ва манфӣ, бе маъно аст, танҳо вақте ба шакли тахассусӣ матраҳ мешавад, ки ба намуди таркиби изофӣ дарояд, монанди озодии баён, озодии қалам, озодии андеша ва калимоти мутафовити дигаре, ки барои муддате дар забони мардум раду бадал мешавад.**

Асли маънои озодӣ ихтиёр доштан аст ва дар муқобили ҷабр қарор дорад. Оёте дар Қуръон вуҷуд дорад, ки инсонро соҳибихтиёр қарор дода, нисбат ба анҷоми баъзе корҳо амру наҳй мекунад. Инсон ҳамеша мехоҳад дар корҳои ихтиёрӣ тибқи ҳавои нафс амал кунад. Ва ҳеҷ қонуне барои идора дар ихтиёроти ӯ гузошта нашавад.

Барои ҷудосозӣ ва шиносоии ҷомеаи боарзиш ва ҳайвонӣ метавон аз ақл ва дин баҳра бурд. Ақл фарқгузори инсон аз ғаризаҳо аст. Ақл ба озодӣ ва ихтиёр шараф медиҳад, дарки корношоямии ҷинсият дар тӯли роҳу равиши воқеии зиндагӣ ва эҳсоси ниёз ба қонун аз ақл бармехезад. Аммо дар идомаи қонуни бартар, барои расидан ба рушд, ақл қудрати посухгӯии комилро надорад. Аз ин рӯ, дин бо пешниҳоди қонунҳои бартар ва фиристодани Расули Акрам башарро дар расидан ба илми комилтар ва бардошти дурусти ақлонӣ роҳнамоӣ мекунад. Дар ривоёт ба ин амр гуфта шуда ва илмомӯзӣ ба унвони амри воҷиб, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Қуръони Карим, касонеро, ки тааққул намеварзанд, ҳаммонанди чаҳорпоён ва ҳатто аз онон гумроҳтар ва нодонтар дониста аст.

Ислом бо эҳтиром ба ихтиёри инсон, бо супориш ба илмомӯзӣ, инсонро ба мадади нерӯи тааққул (фаҳму идрок) раҳо намесозад. Балки бо аҳкоми рушддёбандаи дин, ҳидояти ӯро дар даст мегирад, таълимоти Ислом ҳамеша таваҷҷуҳ ба масоили моддӣ ва ҷинсиро сарзаниш карда, онро ҳайвонияти баршумурда, таваҷҷуҳ ба масоили ғайримоддии мавороиро (охиратӣ) дар зиндагӣ мадди назар қарор медиҳад. Бо вуҷуди ҳамаи ин масоил, Ислом инсонро ҳатто дар арсаи интихоби дин, соҳиби ихтиёр медонад. "Яъне чун ҳақ ва ботил ва ҳидоят ва гумроҳӣ комилан мушаххас ва баён шудааст, дигар ҳеҷ кас маҷбур ва ночор намешавад, ки ба дини Ислом дарояд". Дин маҷмӯае аз аҳком, қонунҳо ва бояду набоядҳо аст, ки Худованд онро муносиб бо зоти башар ва рушди ӯ вазъ намудааст. Инсони оқил бо диққат дар ин қонунҳо, вуҷуди онро барои расидани худ ва ҷомеаи рӯ ба камол зарурӣ мебинад. Ислом намояндаи гурӯҳи аҳли фаҳму идрокро донишманд медонад. "Ва ҷуз донишмандоне, ки илми устувор доранд ва аз манзури Худо сар дарнамеоваранд, касе онро дарк ва фаҳм намекунад". Вақте дин ва интихоби он дар зиндагии башар мавриди таваҷҷуҳ ва тасдиқ қарор гирифт, бо нерӯи тафаккур ва бе маҷбурсозӣ, бидуни таассуб ва ғаразварзӣ, бояд ба таҳқиқи динҳо пардохт, то битавон комилтарин динро дар расидан ба камоли воқеӣ баргирифт.

Ислом дини комил ва баргузидаи Худованд аст, ки инсонҳои озода, арзишманд ва бузургро зиёде дар он ба рушди маънавии созанда расидаанд. Ва дар натиҷаи рӯҳияи ҳоким бар омӯзишҳои динии Илоҳӣ, ки башарро ба мартабаи болои зиндагии моддӣ ва маънавӣ раҳнамун месозад, ки дар дигар динҳо бо ин кайфият вуҷуд надорад. "...ҳукми Худоро итоат кунед, ки Худо мақоми аҳли имон ва донишмандони оламро (дар ду ҷаҳон) рафиъ (олӣ, баланд) мегардонад ва Худо ба ҳар чӣ (аз нек ва бад) кунед огоҳ ҳаст".

Фарқияти дигари Ислом холӣ будани он аз хурофот ва покии аҳкоми он мебошад, ки ҳама андешамандони бетаассуб ва андешавар ба он иброз доранд. Сипас бартарияти дигари Ислом, соддагӣ ва равонии он аст, ки онро дар ҳама сатҳҳои ҷомеа қобили истифода ва дар сатҳи болое, қобили дарк месозад. Ин хусусиёт низ монанди дигар хусусиёти барҷастаи ин дини Илоҳӣ тавассути андешаронии мусалмон ва ғайримусалмони ҷаҳон таҳсин гаштааст.

Дар марҳилаи баъд, бо таваҷҷуҳ ба шинохти Ислом, ба унвони дини баргузида, бояд суроғи он рафта, назарашро дар мавриди озодӣ ҷӯё шуд.

Дар ҳар ҷомеае, ки қонун вуҷуд надошта бошад, беинтизомӣ ва фасод ривоҷ хоҳад ёфт. Инсон, ҳатто дар зиндагии фардӣ ва дар танҳоӣ, ки бихоҳад зиндагӣ кунад, бениёз аз ҳузури қонунҳои фардии хоси худ нест. Қонунҳо ва дастуроти дини Ислом ба шакли зер тақсим шуда ва маҳдудиятҳоеро бо худ ба ҳамроҳ меоваранд, дарбаргирандаи ҳалол, ҳаром, мустаҳаб, мубоҳ ва макрӯҳ. Фирор аз қонуншиканӣ муҷозот дорад ва фирор аз дин муҷозоти бузургтар, лозим нест инсонҳо аҳкоми динро ба ақли ноқиси худ мутобиқ карда ва мувофиқи дили худ ба баъзе аз онҳо амал кунанд, ё ин ки дар баёни аҳкоми динӣ бо диди худ назар диҳанд, балки бояд танҳо барои фаҳми бештари он талош кунанд. Ҳамаи ин аҳком ва қонунҳо, барои ба ҳақиқат гароидани назм, адолат ва ормонҳои ахлоқӣ дар низоми иҷтимоӣ аст. Ҳамаи инсонҳо муваззаф ба риояти эҳтироми ҷамъияти қонунҳо ва аҳкоми дин ҳастанд. Ин қазия рабте ба гуфтори озодӣ надорад. Ҳар кас ҳақ дорад ҳар тавр, ки мехоҳад, озодона тасмим бигирад ва дар зиндагии хусусиаш дар озодии комил ба корҳояш бипардозад. Ҳеҷ кас ҳақи диққат дар асрори мардумро надорад ва набояд дар корҳо ва зиндагии онҳо пайгирӣ намояд.



**Абдуҷаббори Аминзода, устоди Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

# ИЗДИВОҶИ ХЕШУТАБОРӢ ЧӢ ИЛЛАТҲО ДОРАД?

## ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ташаккули ҷомеаи солим ва ба вуҷуд овардани фазои солим барои барпо намудани оилаҳои хушбахт рисолати асосии Давлату Ҳукумат ба ҳисоб рафта, масъалаи мазкур дар партави ҳушдори Президенти кишвар зимни ироаи Паёми имсолаи хеш ба мақоми олии қонунгузори мамлакат дар маркази таваҷҷуҳи мутахассисону ҷомеашиносон қарор гирифтааст.**

Дар марҳалаи кунунии босуръати ҷаҳонишавӣ миллати соҳибтамаддуни мо, ки дорои фарҳанги пурғановат ва ойинҳои волову зебои мардумӣ мебошад, бо расму русум ва таомулу анъанаҳои бегонаву изофашудаи бебунёд рӯ ба рӯ гардидааст, ки дар аксар маврид боиси косташавии тамаддуни офарандаву созандаи мо шуда истодаанд.

Боиси қаноатмандист, ки паҳн шудани чунин равандҳои зараровар сарфи назар аз мушкилоти мураккаби давлатсозиамон аз ҷониби давлат ва мардуми тамаддунофарамон пешгирӣ шуда истодааст.

Имрӯз олимону ҷомеашиносонро дар доираи никоҳи хешутаборӣ тавлид шудани насли носолим ба ташвиш овардааст.

Мо - кормандони соҳаи тиб муваззаф ҳастем, ки дар ин кори муҳим масъулияти бештар эҳсос намоем ва бо гузаронидани таҳқиқоти бунёдӣ ва тадбирҳои иловагӣ ба паҳлӯҳои гуногуни ин масъалаи муҳими рӯз ба мардум баҳои илмиву асоснокро манзур намоем.

Гарчанде дар як муддати кӯтоҳ пешгирӣ намудани чунин раванд ғайриимкон аст, вале мавриди баррасӣ қарор гирифтани масъалаи мазкур аллакай афкори ҷомеаро нисбат ба ин масъала равшану возеҳ намуда, муҳтавои асосии он ҳоло дар маркази диққати сокинони кишвар қарор гирифтааст.

Дар иртибот ба ин масъала, меҳоҳам фикри шахсии хешро баён созам, ки чаро мо калонсолон дар шароити ташаккули ҷомеаи сифатан нав садди роҳи издивоҷи озодонаи ҷавонон мешавем?

Ман комилан бовар дорам, ки агар мо дар ин самт ба ҳуқуқи ҷавонон барои интихоби озодонаи ҳамсар дахолат накунем, онҳо ҳеҷ гоҳ мустақилона хешу ақрабои худро аз рӯи эҳтиром ё меҳру муҳаббати хешутаборӣ ҳамчун ҳамсари ояндаи худ интихоб намекунанд. Мардум чанд сол пеш бо харҷи аз меъёр зиёд ҷашну маъракаҳое меоростанд, ки ба дӯши онҳо бори гарон гардида, қисми бештарашон баъди чунин маъракаҳо қарздор ва ҳатто дар назди келини интихобкардаашон шармгин мешуданд.

Бо шарофати қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" вазъи иҷтимоии мардум, беҳтар гардида, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кулли мардуми кишвар аз ин тадбир розӣ ва хушнуд ҳастанд.

Мо бо амалӣ намудани ин тадбир бори дигар нишон додем, ки аз уҳдаи идораи нафсу иродаи худ ва ба танзим даровардани расму ойинҳои воқеан зебои мардумӣ баромада метавонем.

Дар идомаи тадбири мазкур акнун замоне фаро расидааст, ки мо боз аз як анъанаи бебунёди қадимаи ба ҳаёти оиладорӣ ва солимии кӯдакон зараровар, яъне издивоҷи хешутаборӣ даст кашем. Зеро таҷрибаи зиндагӣ исбот намудааст, ки никоҳи хешутаборӣ барои ташкил намудани оила ва таваллуди тифли солим оилаҳоро ба мушкилоти мухталиф рӯ ба рӯ менамояд.

Таваллуди кӯдаки носолим дар оилаҳои аз нигоҳи хешутаборӣ бунёдшуда омили пошхӯрии оила ва қатъ гардидани равобити хешутаборӣ шуда, дар ҳаёти минбаъдаи чунин оилаҳо бинобар ба дунё омадани фарзандони носолиму маъюб ноумедиҳои зиндагиро ба миён меорад.

Дар робита ба ин масъала дар Паёми имсолаи Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст, ки дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик афзоиш ёфта, боиси таваллуди кӯдакони маъюб шуда истодааст.

Тибқи таҳлилҳои оморӣ имрӯз дар Тоҷикистон қариб 13 ҳазор нафар кӯдакону наврасони маъюби то 18 - сола аз ҷониби давлат нигоҳубин карда мешаванд. Яъне сарфи назар аз падару модар доштан онҳо ба муассисаҳои махсуси нигоҳубини кӯдакони маъюб супорида мешаванд, ки боиси нороҳатии волидон нагардидаанд.

Оё дидаву дониста амалӣ кардани чунин амали номатлуб ба инсони комил раво аст?

Бештари ин кӯдакон маъюби модарзод буда, аз никоҳи хешовандӣ ва аз волидайни гирифтори нашъамандӣ ба дунё омадаанд.

Дар баробари никоҳи хешутаборӣ мубтало шудан ба бемории масунияти норасоии бадан низ яке аз сарчашмаҳои асосии хатар ба ҳаёт ва саломатии инсону оилаҳои ҷавон мебошад. Имрӯз дар кишвар гирифторони чунин беморӣ беш аз шашуним ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, ки чунин вазъ боиси ташвиши Ҳукумати мамлакат ва аҳли ҷомеа мебошад.

Аз ин хотир, вақти он расидааст, ки бояд дар фаъолияти минбаъдаи масъулони соҳаи тиб ва мақомоти дахлдор ҳамаи тадбирҳо андешида шаванд, ки пеши роҳи ин камбудиву норасоиҳои ҳаётамон гирифта шаванд ва ҳангоми ташкили оилаҳои нав муоинаи пешакии тиббии ҷавононро хонадоршаванда гузаронида шавад. Ин амал чандон вақти зиёдро намегирад ва баръакс хусусияти неки ояндасозӣ ва фазои якдигарфаҳмиву оромии рӯҳиро ба вуҷуд меорад.

Гарчанде ин масъала дар Кодекси оила ба таври равшану возеҳ дарҷ гардидааст, вале аксари мардум аз он огоҳӣ надоранд.

Ҳатто аксари аҳолӣ дар бораи ҳуқуқи дар мавриди ба таври ройгон гирифтани машварат доир ба масъалаҳои тиббиву генетикӣ ва масъалаҳои солимгардонии оила аз ҷониби муассисаҳои тандурустии маҳалли зист огоҳ нестанд.

Таассуфовар боз он аст, ки шахсони аз масъалаҳои зикршуда огоҳ низ ба хотири нигоҳ доштан ва бегона накардани боигарии худ ба издивоҷи хешутаборӣ иҷозат дода, бо ин амалашон барои хешу ақрабои худ ва оилаҳои ҷавон "хизмати хирсона" - и хешро дареғ намедоранд.

Дар ин маврид бояд ниҳоди давлатӣ ва мутахассисону коршиносон ҳарчи зудтар ҷиҳати роҳ надодан ба издивоҷи хешутаборӣ ҳамаи сокинони кишварро аз оқибатҳои ногувори чунин амал огоҳ намоянд ва фаҳмонанд, ки никоҳи хешутаборӣ ва инчунин мубтало шудан ба касалиҳои сироятӣ дар ҳаёти фарзандон ва боқӣ мондани оилаву насли солим зараровар мебошад.

Ҳамчунин лозим аст, ки ҳар як фарди ватандӯсти мамлакат, хусусан олимону мутахассисони соҳа, шахсони обрӯманду ботаҷрибаи кишвар тавассути васоити ахбори омма ва дар мулоқот бо сокинон доир ба суннатҳои пешқадами оиладории тоҷикон маълумот дода, дар амалӣ гардидани "Соли оила" саҳми хешро гузоранд.

Олимон исбот намудаанд, ки издивоҷи хешутаборӣ, нашъамандиву майзадагӣ, маризиҳои генетикӣ, тарзи ҳаёти носолими одамон ва дигар омилҳои номатлуб ба таваллуди фарзандони носолим мусоидат менамоянд.

Агар ҳар як шаҳрванди кишвар сарфи назар аз баромади иҷтимоӣ ҳамин гуна омилҳои зиёновару номатлубро ба таври ҷиддӣ ба инобат гиранд, бовар ҳаст, ки теъдоди таваллуди кӯдакони маъюбу носолим сол то сол коҳиш ёфта, ташвишу ноумедиҳои сокинони кишварамон хотима меёбанд.

Бояд мо аз сухан ба амал гузашта, шурӯъ аз ҳамсоя, хешу табор ва шахсан худамон барои амалӣ намудани ин иқдоми саривақтӣ камари ҳиммат бандем.



Манзура Исмоилова, директори Маркази саломатии рақами 5-и шаҳри Душанбе

*Ҳуқуқ*

# ТАКМИЛИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ТАЛАБОТИ ЗАМОН АСТ

**Арзиши аз ҳама воло эътироф кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, қонунияту адолат, зарурияти таҳким ва густариши ҳокимияти судӣ амри таъхирнопазир аст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Тибқи моддаи 20-и Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад. Ин меъёри конститутсионӣ ба зиммаи мақомоти судӣ вазифаи масъулиятнокро вогузор мекунад.

Меъёрҳои умумиэътирофшудаи давлатҳои демократӣ бори дигар исбот намуданд, ки пойдории давлат ва бақои он ба адолати судӣ эҳтиёҷ ва пайвастагии ногусастанӣ доранд.

Маҳз дар партави ҳамин омили муҳим бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-июни соли 2007"Барномаи ислоҳоти судӣ- ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба тасвиб расид. Санади мазкур дар такмили қонунҳои амалкунанда, қабули санадҳои нав, ташкили сохтори нави судӣ ва таҳкиму тақвияти ҳокимияти судӣ чун сарчашмаи роҳнамову ҳидоятгар аст.

Бо мақсади идомаи барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2011-2013 ва минбаъд барои солҳои 2015-2017 ба тасвиб расонида шуданд.

Дар ин санадҳои раҳнамо рушди қонунгузории мурофиавӣ, такмили сохтор ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон суди ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, ислоҳоти низоми судӣ нисбати ноболиғон, такмили сохтор ва фаъолияти иҷрочиёни суд, таъсиси сохтори мустақили экспертӣ, рушди ёрии ҳуқуқии ройгон ва беҳтар намудани таъминоти моддӣ-техникии судҳо, ҳифзи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо дар назар дошта шудааст.

Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе чун қисми таркибии ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолати касбии худро дарк намуда, дар доираи амалӣ намудани нишондодҳои санадҳои ёдрасшуда нақшаи чорабиниҳоро мураттаб намудааст. Барои пешгирии ҷинояткорӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон,ташкили мурофиаҳои сайёри судӣ дар маҳалҳо бо шаҳрвандон ва мулоқоту воҳӯриҳо имкон доданд, ки ҳайати кормандони суди ноҳия баҳри тарғиби адолати судӣ, саривақт ошкор намудани қонуншиканиҳо ва нисбати вайронкунандагони қонун чораҳои таъхирнопазир тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ менамоянд. Талабот ба ҳар як корманди мақомоти судӣ ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ бобати пешгирии ҳама гуна ҷинояткорӣ ва тантанаи адолати судӣ амри воқеист ва танҳо дар он сурат мо ба мақсади ниҳоии худ мерасем, ки ба ҳама гуна қонуншиканӣ баҳои воқеӣ дода тавонему шаҳрвандон ба маънии том ба адолати судӣ боварии комил дошта бошанд.

**Диловар Мирзоҳомидзода, судяи Суди н. Фирдавсӣ**

# ХИЗМАТИ ВАТАН ВАЗИФАИ МУҚАДДАСИ МОСТ

**Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.**

**Моддаи 43 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Қувваҳои Мусаллаҳ, яке аз рукнҳои муҳимтарини давлат ва сипари боэътимоди Ватани азизамон ҳисоб мешавад. Таъсисёбии Артиши миллӣ ва нерӯҳои мудофиавӣ дар таърихи навини давлатдории тоҷик воқеаи ҳамқадам бо истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Ҳар як давлат, новобаста аз сохтор ва ҷойгиршавӣ, ба мақсади манфиатҳои геополитикии хеш бояд қувваҳои мусаллаҳи худро дошта бошад. Пойдории давлат маҳз ба қудрату тавоноии артиши миллӣ вобастагӣ дорад.

Таърихи таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистон ба рӯзҳои сарду сангини миллат дар давоми ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум рост омад. Мо ба фарҷоми пуралами ҳодиси бархурдҳои мусаллаҳонаи шаҳрвандони кишварамон бо ҳазор афсӯсу ҳайрат нигариста, бори дигар ба хулосае меоем, ки бояд тамоми ҷомеа ба тарбияи ватанпарварӣ ва эҳсоси баланди инсонгароӣ машғул шавем. Зеро фақат инсонҳои ватандӯст метавонанд аз манфиатҳои гурӯҳӣ, шахсӣ ва хешу таборӣ сарфи назар карда, дар ҳимояи ҳадафҳои умумимиллӣ барои дифои Ватан содиқона талош намоянд.

Хизмати Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохтору воҳидҳои ҳарбӣ назаррас аст. Дар он айёме, ки собиқ ҷумҳуриҳои иттиҳод мероси давлати абарқудрати ИҶШС-ро аз они худ менамуданд, мутаассифона, дар ҷумҳурии мо ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ идома дошт. Ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳод пас аз пошхӯрии он ба худ танку аслиҳа, тайёраҳои ҷангӣ воситаҳои зидди ҳавоӣ, пойгоҳҳои муосири радиолокатсионӣ ва ғайраҳоро ба мерос гирифта, дар заминаҳои мусоид Артиши миллии худро таъсис доданд.

Дар таърихи 17 сентябри соли 1992 Фармони иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба имзо расид. Таъсиси Вазорати мудофиа, пеш аз ҳама, бо амри зарурат пеш омада буд. То ин муддат ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳод артиши худро дар шароити осоишта ба низом даровардa буданд.

18 декабри соли 1992 бо



имзои Эмомалӣ Раҳмон қарори раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул гардида, заминаи ҳуқуқии ташкили Артиши миллиро фароҳам овард.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Артиши миллӣ бо доштани нерӯҳои ҳарбии пуриқтидор ҳимоятгари халқу давлати Тоҷикистон, ифодагари тавону қудрати воқеӣ ва баёнгари ҳақиқати таърихӣ аст.

17 феврали соли 1993 "Низомномаи тартиби қабули савганди ҳарбӣ" тасдиқ карда шуд, ки он ба шакли қонунӣ гузаштани фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ ва муайян намудани вазифа ва масъулияти онҳоро дар ҷараёни хизмати ҳарбӣ муқаррар кард.

2 августи соли 1993 "Низомномаи додситони ҳарбӣ" тасдиқ карда шуд, ки он барои таъмини волоияти қонун, таҳким ва назорати иҷрои қонунгузорӣ дар ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохтору воҳидҳои ҳарбӣ нақши муҳимеро иҷро намуд.

Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи мудофиа" Қонуни ҶТ "Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993, №788) қабул гардид. Қабули ин қонун ҳамчун меъёр ва асосҳои ҳуқуқҳои мавҷудият ва фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ шаҳодатномаи камоли ин сохтор гашт.

Қонунҳо "Дар бораи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ" (26.11.1993) ва "Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда" (25.01.1993№785), ки дар ҳамон давра қабул гардиданд, ба эҷоди меъёри ҳуқуқии такмилу танзими сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохтору воҳидҳои ҳарбӣ, таъмини мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои фарохтар ба вуҷуд оварданд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мудофиа", ки 25 июни соли 1993 қабул карда шудааст, аз ҷумла гуфта мешавад: "Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ, барои ҳамзистии сулҳҷӯёна бо тамоми давлатҳо саъю кӯшиш карда, ҷангҳо ва истифодаи қувваи ҳарбиро чун воситаи норавои расидан ба мақсадҳои сиёсӣ ё иқтисодӣ инкор менамояд. Артиши миллии он ҳам меҳнати осоиштаву бунёдкоронаи халқи худро барои барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд ҳифз менамояд. Барои ҳамин ҳам, дар муносибатҳои байни давлатҳову халқҳо ҷумҳурии мо заруриятии ҳифзи сулҳ, амният ва тамомияти арзии онҳоро эътироф намуда, қобилияти мудофиавии худро дар сатҳи зарурӣ барои муҳофизат аз таҷовуз нигоҳ медорад. Мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муҳимтарини давлат ва тамоми халқ мебошад".

27 июни соли 1997 бо ба имзо расидани Созишномаи умумии барқарорсозии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ба ихтилофи байни қувваҳои мухолиф хотима гузошта шуд. Созишномаи истиқрори сулҳ дар инкишофу таҳкими давлатдории тоҷикон нақши калон бозида, ҷиҳати такмили Артиши миллӣ, таҳким ва инкишофи он заминаҳои хуб ба миён овард.

Мудофиаи Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҷода Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид намудаанд: "Барои насли наврас яке аз муҳимтарин мактаби обутоби ҳаёт хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат аст. Маҳз дар ҳамин ҷо ҷавонписарон шуҷоату мардонагӣ омӯхта, муқаддастарин арзиши ҳаёт-дӯст доштан ва содиқона муҳофизат кардани хоки поки Ватани азизро ёд мегиранд".

Хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини сулҳу субот, амнияти давлат ва мардум, таҳкими ваҳдати миллии кишварамон нақши барҷаста ва бузург доранд.

Артиши миллӣ аз рӯзҳои аввали таъсисёбии худ дар барқарор кардани сохти конститутсионӣ ва ҳокимияти қонунӣ мубориза бар зидди дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткор ва ҳифзи сарҳади давлатӣ хизмати фидокорона анҷом дода, имрӯз аз имтиҳони ҷиддии ҳаёт гузаштааст.

Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ борҳо бо ҷасорату шуҷоат ва далериву матонати худ ватандӯстони асил буданашонро собит намудаанд. Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон бо вуҷуди мушкилоти зиёде, ки дар тӯли солҳои гузашта дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҷой доштанд, тадриҷан ба як нерӯи тавонои ҳарбӣ табдил ёфтанд.

**Сафаралӣ Собиров,**
**ноҳияи Ёвон**

Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва аҳли қалами нашрияи "Минбари халқ" ба раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ҷонибек Қозибеков нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.

Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон ба муовини Раиси Иттифоқ Юсуфов Курчибек Ҳусейнович нисбати вафоти бемаҳали бародараш

**МӮСОХОҶА ЮСУФОВ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, барояш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Аттестати силсилаи А №015227, ки соли 1987 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №47 (ҳоло №55) ноҳияи Рӯдакӣ ба Тирандозов Абдулло додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи бақайдгирии гумшудаи манзили истиқоматии Боев Гулмирзо таҳти № 9618, аз 28.01.1989, воқеъ дар деҳаи Элоки ҷамоати деҳоти шаҳраки Мирзо Турсунзодаи ноҳияи Рӯдакӣ эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи бақайдгирии гумшудаи манзили истиқоматии Расулов Азиз таҳти № 5705, аз 15.12. 1987 воқеъ дар деҳаи Чоряккорони ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи курси 5-уми факултаи иқтисод ва идораи ДМТ Рауфов В. бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj
Сармуҳаррир
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59
Идораи рӯзнома тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94
www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат: Хусрав Дӯстов
ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Ҷумъа Қуддус, Ибодуллоҳи Тоҳир, Азамат Дӯстов
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО:
734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Индекси обуна: 68910
Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».
Теъдоди нашр: 49234 нусха

